АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА ВА СИЁСАТШИНОСИИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ

ВБД: 396(575.3)
ТДУ: +32(575.3)(09)

Бо ҳуқуқи дастнавис

Шукурзода Саодат Нусратулло

ИШТИРОКИ ЗАНОН ДАР РАВАНДИ БУНЁДИ ДАВЛАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
(таҳлили сиёсӣ)

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси
5.6.2. - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ба анҷом расонида шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Саидов Абдулманон Саторович –** Доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи Фанҳои ҷомеашиносӣ-и МДТ Донишгохи давлатйй тиббии Точикистон ба номи Абуали ибни Сино

Муқарризони расмӣ: **Муҳаммад Саъдӣ Абдураҳмон –** доктори илмҳои сиёсӣ, сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Академияи ВКД ҶТ

Ҷабборӣ Насиба Ҷаббор – номзади илмҳои сиёсӣ, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи давлатии Данғара.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ҳимояи диссертатсия «12» сентябри соли 2026 соати «13^{00}» дар ҷаласаи Шурои диссертатсиони 6D.КОА-079 дар назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ баргузор мегардад (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33).

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33) ва сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовиддинови АМИТ (www.ifppanrt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____2026 фиристода шудааст.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ
E-mail: sanginov1953@mail.ru **Сангинов Н.Н.**

МУҚАДДИМА

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Падидаи иштироки занон дар сиёсат ва идораи давлат аз нуқтаи назари рушди ҷомеаҳои гуногун, тағйири меъёрҳои иҷтимоӣ ва аз нав дида баромадани нақшҳои гендерӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар илми сиёсатшиносӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар тӯли садсолаҳои инкишофи тамаддуни инсонӣ қудрати сиёсӣ танҳо ба мардон тааллуқ дошт ва занон фақат дар ҳолатҳои истисноӣ ва ба таври нодир ба идораи давлат мерасиданд. Яъне, аз замонҳои қадим иштироки занон дар сиёсат ба далели сохтори устувори патриархалӣ дар ҷомеа, ки дар он қудрат ва қабули қарорҳо анъанавӣ бо ҷинси мард алоқаманд буд, ба таври назаррас маҳдуд буд. Аниқтараш, дар муддати як давраи тӯлонии таърихӣ «занон дар қудрат» бештар ҳамчун истисно аз меъёр, ки бо зарурати хоси сиёсӣ ё сулолавӣ ба вуҷуд омада буд, баррасӣ мешуданд.

Муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ чунин тасаввуротро тақвият медоданд, ки занон бояд ҳамчун «муҳофизони хонавода» дар нақши модарон, ҳамсарон боқӣ монанд, дар ҳоле ки фаъолияти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ҳамчун имтиёзи истисноии онҳо ба шумор мерафт. Ин нобаробарӣ на танҳо дар таълимотҳои динӣ ва фалсафӣ баён мешуд, балки дар ниҳодҳои танзими ҳуқуқӣ низ мустаҳкам гардида буд, ки занонро аз системаи идоракунӣ истисно мекарданд. Ҳатто дар ҳолатҳое, ки занон ба сулолаҳои ҳукмрон тааллуқ доштанд, иштироки онҳо дар сиёсат, чун қоида, ба таъсири ғайрирасмӣ ё васоят дар давраи меросхӯрони ноболиғ маҳдуд мешуд.

Танҳо асри XX як нуқтаи гардиши муҳим дар таърихи иштироки занон дар сиёсат ва идораи давлат гардид. Ташаккули ҷомеаи саноатӣ, пешрафти маорифи оммавӣ, афзоиши урбанизатсия ва натиҷаҳои ду ҷанги ҷаҳонӣ боиси аз нав баҳодиҳии нақшҳои анъанавии гендерӣ шуданд. Давраи нимаи дуюми садсолаи гузашта, ки бо рушди фаъолонаи ҳаракатҳои феминистии мавҷи дуюм алоқаманд аст, махсусан аҳамиятнок гардид. Ин ҳаракатҳо на танҳо баробарии ҳуқуқиро дар маркази рӯзномаи худ гузоштанд, балки эътирофи нақши занонро дар сиёсат, иқтисод ва фарҳанг ҳамчун субъектҳои комилҳуқуқ низ таъкид карданд. Дар натиҷаи ин фишор, кишварҳои олам ба ворид намудани занон ба сохторҳои парламентӣ, фароҳам овардани имкониятҳо барои ишғоли мансабҳои баланди идорӣ ва дар баъзе

мавридҳо роҳбарӣ кардани ҳукумат ё ҳатто сарвари давлат шудан шурӯъ карданд.

Бешубҳа, асри XX давраи тағйироти амиқ дар муносибат ба нақши зан дар ҷомеа ва сиёсат ба шумор меравад. Ҳарчанд роҳ ба сӯи баробарии намояндагӣ дар сохторҳои давлатӣ ҳанӯз комилан тай нашуда буд, маҳз дар ин давра заминаҳои ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва институсионалӣ барои тавсеаи минбаъдаи мунтазами иштироки занон дар қудрат фароҳам оварда шуд.

Дар ибтидои ҳазорсолаи сеюм, тамоюли устувори афзоиши иштироки занон дар сатҳҳои баландтарини ҳокимияти давлатӣ мушоҳида мешавад. Намояндагони зан дар мансабҳои калидӣ дар ҳокимияти иҷроия, аз ҷумла вазифаҳои сарвазир ва президент, дар ин давра афзоиш ёфтаанд. Ин раванд бахусус дар кишварҳои Аврупо, Амрикои Лотинӣ ва Осиё, ки дар онҳо пешвоии занон ба як воқеияти сиёсӣ табдил меёбад, намоён аст.

Дар фазои сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол мушоҳида мешавад, ки ҳузури занон дар вазифаҳои давлатӣ, бахусус дар соҳаи мақомоти қонунгузор, ба таври намоён афзоиш ёфтааст. Ҳарчанд дар ин давра мақомҳои пешбарро дар идораи давлатӣ ҳанӯз ҳам, асосан, мардон ишғол мекунанд, занони тоҷикистонӣ фаъолтар ба равандҳои сиёсӣ ҷалб шуда, дар мақомоти ҳокимият мансабҳои муҳимро ба даст меоранд.

Сарфи назар аз талошҳо дар самти баробарии гендерӣ ва мавҷудияти миқдори муайяни занони сиёсатмадори муваффақ, дар идораи давлатӣ шумораи зиёди мақомоти болоиро асосан мардон ташкил медиҳанд. Барои ноил шудан ба идораи одилонатар ва фарогир дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон талошҳои минбаъда барои бартараф кардани таассубот ва фароҳам овардани имконият барои иштироки пурраи занон дар ҳама сатҳҳои ҳокимият лозим аст. Ин зарурати ислоҳоти минбаъдаи муассисавӣ ва фарҳангиро барои таъмини баробарии воқеии имкониятҳо барои занон ва мардон дар идоракунӣ ва сиёсати давлатӣ нишон медиҳад.

Муҳимияти омӯзиши масъалаи иштироки занон дар раванди бунёди давлати мустақили миллии Тоҷикистон дар доираи имкониятҳои методологии илми сиёсатшиносӣ инчунин бо ҳолатҳои зерин вобаста мебошад:

- Тоҷикистон, чун дигар кишварҳои ИДМ ва Осиёи Марказӣ, дар мақомоти олии роҳбарикунанда то ҳанӯз ба мувозинати гендерӣ ноил нагардидааст. Зиёда аз ин, муносибати

гендерӣ ба таври кофӣ ва самаранок ба раванди таҳияи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ворид карда нашудааст;

- иштироки пурраи занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ аз афзоиши оддии шумораи заноне, ки дар мансабҳои масъул қарор доранд, аз ин ҳам бештарро талаб мекунад;

- ҳалли масъалаи мазкур иқтидори бештари мардону занонеро, ки дар мансабҳои олии роҳбарикунанда (яъне вакилони парлумон ва мансабдорони давлатӣ) қарор доранд, барои амалӣ намудани сиёсати таъмини баробарии гендериро дар ин самт тақозо менамояд.

Дар ин асос, мо дар кори диссертатсионии худ кушиши таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи иштироки сиёсии занон дар раванди бунёди давлати мустақили миллии Тоҷикистонро ба роҳ мондем.

Ҳамаи ин ва як қатор дигар ҳолатҳо мубрамияти омӯзиши илмии мавзӯи интихобкардаи моро тасдиқ намуда, инчунин сабаби муҳокимаи ҷанбаҳои гуногуни он гардиданд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дар соҳаҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ, бахусус сиёсатшиносӣ, чӣ дар Тоҷикистон ва чӣ дар хориҷа, доир ба омӯзиши масъалаи иштироки занон дар идораи давлат таҳқиқотҳои зиёд мавҷуд мебошанд. Дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мазкур мавриди таҳлили муҳаққиқон қарор гирифта, роҳҳои ҳалли он аз нуқтаи назари илмӣ пешниҳод гардидаанд. Яъне, агар мухтасар баён намоем, бахшида ба падидаи иштироки занон дар сиёсат ва идораи давлат аз ҷониби олимони ҷомеашинос таҳияҳои бисёри илмӣ ба анҷом расонида шудаанд.

Албатта, барои номбар ва баррасӣ намудани ҳамаи онҳо дар доираи таҳқиқоти начандон калони илмии мо имконияти воқеӣ вуҷуд надорад, аммо таҳлили корҳои арзишманди як қатор олимонро дар ин самт зарур мешуморем. Дар ин замина, адабиёти илмии ба мавзӯи кори диссертатсионии мо иртибот доштаро ба чунин тарз гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

Ба гурӯҳи аввал интишороти чунин муҳаққиқони шинохтаи сатҳи ҷаҳонӣ, ба монанди А. Бебел [6], В. Брайсон [7], Э. Гидденс [27], И. Кант [12; 13], К. Маркс [14; 15], Ж.Ж. Руссо [19], Ф. Энгельс [22], Э. Тоффлер [20] ва дигаронро ворид кардан мумкин аст. Дар асарҳои ин муҳаққиқон ҷанбаҳои умумии масъалаи иштироки занон дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ҳаёти ҷомеа дар давраҳои гуногуни инкишофи тамаддуни инсонӣ мавриди баррасӣ

қарор гирифта, муҳиммияти ҷалб намудани онҳо ба идоракунии давлат асоснок карда шудааст.

Чунончи, яке аз шахсиятҳои намоёни соҳаи сиёсат дар Олмон А. Бебел дар китоби худ «Зан ва сотсиализм» дар бораи маъно ва мақсадҳои издивоҷ мулоҳиза ронда, ба таърихи «масъалаи занон» назар андохта, таъкид менамояд, ки озодии инсоният бидуни истиқлоли иҷтимоӣ ва баробарии ҷинсҳо имконпазир нест. Ӯ дар ин асари худ бо таассуботе, ки нисбат ба фаъолияти иҷтимоию сиёсии занон вуҷуд дошт ва бо нодида гирифтани аҳамияти ин масъалаи фикрронӣ намуда, назария ва стратегияи ҳаракати занони коргарро таҳия намуд.

Аз диди муҳаққиқи британӣ В. Брайсон, усулҳои муосири ба идоракунии сохторҳои давлатӣ ноодилонаанд ва онҳо боиси нобаробарии сиёсӣ нисбат ба занон мешаванд. Ин «рафтори замонӣ» бо майли ҳамаҷонибаи бонувон барои тағйир ва ислоҳи вазъияти имрӯзаи оилавӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Дар нигоҳи аввал, Дар нигоҳи аввал, агар занон аз иҷрои масъулиятҳои суннатӣ, вале заҳматталаби хона ва парастории даст кашанд, гумон меравад, ки ҷомеа ба таназзули комил рӯ ба рӯ мешавад.

Муҳаққиқи дигари британӣ Э. Гидденс қайд мекунад, ки мавқеи занон дар сиёсат нисбат ба дигар соҳаҳои фаъолият дар ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ, аз ҷумла тиҷорат, хеле суст тағйир меёбад. Ҳамзамон ӯ мутмаин аст, ки паҳншавии умумии падарсолорӣ (патриархат) на аз сабаби бартарии қувваи ҷисмонии мардон, балки пеш аз ҳама аз хусусиятҳои модарии занон ба вуҷуд омадааст, зеро таваллуд ва ғамхорӣ дар бораи кӯдакон онҳоро, аз ҷумла аз ҷиҳати моддӣ, ба ҷинси муқобил вобаста мекунад.

Назари И. Кант дар бораи занон ва нақши онҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ мураккаб аст. Ҳарчанд ӯ кӯшиш мекунад, ки ақидаи худро дар бораи занон равшан баён кунад, дақиқ маълум мешавад, ки он зидди онҳо нест ва далелҳои муҳимеро дар бораи табиати инсонӣ дар бар мегирад. Мутафаккир бар ин бовар буд, ки тақсимоти анъанавии мардону занон ба гумон аст аз байн равад, аммо ӯ ҳеҷ гоҳ идеалҳои анъанавии ҷинсиро ҳамчун ахлоқӣ пешниҳод накардааст. Аз ин рӯ, дар асарҳои ахлоқии худ ӯ таъкид мекунад, ки ҳамаи шаҳрвандон, аз ҷумла занон, ҳуқуқ доранд ва бояд ба фаъолияти иҷимоию сиёсӣ даст зананд.

Агар сухан аз К. Маркс равад, пас дар асарҳои ӯ ишораҳои бисёр дар бораи нақш ва мавқеи зан дар ҷомеа мавҷуданд.

Масалан, дар мақолаи худ «Оид ба масъалаи яҳудӣ» К. Маркс чунин ақидаро баён кардааст, ки «раҳоӣ (эмансипация)-и комили инсон» инчунин озодшавии занро аз фишори иҷтимоию сиёсӣ дар бар мегирад.

Ҳамақида ва ҳамсафи ӯ Ф. Энгелс бошад дар асари худ «Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат» таъкид намудааст, ки мақоми зан дар ҷомеаи сармоядорӣ мақоми синфӣ аст. Вай ба синфи пролетариат тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, вазифаи озодшавии ӯ бо вазифаи умумии озодшавии пролетариат мувофиқат мекунад. Барҳам додани ҳама гуна шаклҳои истисмор ва зулм ҳадафи ҳамаи пролетарҳо, ҳам мардон ва ҳам занон аст. Танҳо дар ҷомеае, ки аз истисмор ва зулм озод аст, муносибатҳои баробарҳуқуқӣ байни ҷинсҳо имконпазир аст. Ҳамин тариқ, бо пайвастани «масъалаи занон» бо масъалаи иҷтимоию сиёсӣ, К. Маркс ва Ф. Энгелс барои зан дар раванди умумии таърих ҷойгоҳи муносиберо ҷудо намудаанд.

Мутафаккири фаронсавӣ Ж.-Ж. Руссо тарафдори нақшҳои суннатии зан буд. Вай ин дидгоҳи худро дар мавриди занон дар асарҳои «Оид ба шартномаи иҷтимоӣ ё асосҳои ҳуқуқи сиёсӣ» ва «Эмил, ё дар бораи тарбия» баён кардааст. Гарчанде ки ӯ бо ақидаҳои тарбияи озод машҳур буд, аммо дар масъалаи мақоми иҷтимоӣ ва сиёсии зан дар ҷомеа мавқеи кӯҳнапарастона (консервативӣ) дошт.

Файласуфи амрикоӣ Э. Тоффлер дар таълифоти худ «Метаморфозаҳои ҳокимият» ба чунин ақидааст, ки мувозинати комили қудрат вобаста ба ҷинсият ғайриимкон аст. Яъне амалан номумкин аст, то вазъияте таъмин карда шавад, ки дар он ҳамаи низомҳо ва зернизомҳои иҷтимоӣ дар тавозун қарор дошта бошанд ва қудрат ба таври мутаносиб байни ҳамаи гурӯҳҳо ва қишрҳои иҷтимоӣ тақсим карда шавад. Инчунин, низоме, ки тақсимоти ноодилонаи захираҳоро, бахусус дар асоси нишонаҳои нажодӣ, фарқияти ҷинсӣ ва ғайра қонунӣ кардааст, ахлоқан нодуруст аст.

Гурӯҳи дуюми адабиёт, вобаста ба масъалаи иштироки занон дар сиёсатро, таълифоти А.Ю. Ананев [23], Т. Булавина [24], Т. Горшкова [28], И. Грошев [29], Б.Б. Жумагазина [32], Т.А. Королёва [34; 35], Е.А. Новикова [39; 40], Н.К. Семёнова [42] ва дигаронро дар бар мегирад.

Аз ҷумла, дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус А.Ю. Ананев дар интишороти худ «Оид ба масъалаи сарварии сиёсии занон» ва И. Чикалова «Тағйироти вазъияти сиёсии занон дар Ғарб» ба

омӯзиши динамика, асосҳо ва натиҷаҳои намояндагии сиёсии занон дар робита ба таҳаввулоти иҷтимоию сиёсии ҷомеаи Аврупо ва низомҳои сиёсии мутаносиби кишварҳои ин минтақа дар замони муосир пардохта, натиҷаҳои мусбиро ба даст оварданд.

Аз ин ҷиҳат таҳқиқотҳои Т. Горшкова «Зани сарвар: интизороти интихобкунандагон» ва И. Грошев «Мардон ва занон дар роҳбарӣ: фарқи қабули қарор» низ ҷолиби диққат ва мароқовар ба назар мерасанд.

Сиёсатшинос ва равоншиноси украинӣ Т. Булавина бошад вобаста ба масъалаи занон ва ҳокимият мулоҳизаҳои худро баён намуда, зарурати иштироки васеи занонро дар ҳамаи сатҳи идоракунии сохторҳои давлатӣ зарур ва ҳатмӣ меҳисобад. Инчунин, ба ақидаи ӯ, барои пешбурди занон дар сиёсат ва бартараф кардани нобаробарии мавҷуда, талошҳои мушаххас барои аз нав дида баромадани тасвирҳои гендерӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ ва эътирофи саҳми онҳо дар рушди давлат зарур аст. Т. Булавина чунин меҳисобад, ки иштироки занон дар қабули қарорҳо дар сатҳи баланд, равандҳои сиёсиро бой мегардонад, ба идораи самарабахштари давлат мусоидат мекунад ва эътимоди ҷомеаро ба ҳукумат меафзояд.

Асарҳои Б.Б. Жумагазина, Е.А. Новикова, ва Н.К. Семёнова ба таҳлили усулҳои таъсибахши зиёд намудани намояндагии занон дар равандҳои сиёсӣ, асосҳои ҳуқуқии иштироки онҳо дар идораи давлат ва мақоми зан сохторҳои давлатӣ бахшида шуда, дар онҳо хулосаҳои илмӣ ба таври возеҳ баён гардидаанд, ки дар таҳқиқи мавзӯи интихобнамудаи мо амалан мусоидат намуданд.

Ба гурӯҳи сеюми адабиёти ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии мо наздик монографияҳои дастаҷамъонаи мавҷудбудаи илмӣ, ба монанди «Занон ва давлат. Андозаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоию ҳуқуқии муносибатҳо (аз нигоҳи мушкилотӣ)» Матн, «Занон дар сиёсат: дидгоҳҳои нав ба масъалаҳои сиёсӣ. Алманахи таълимии феминистӣ» Е.М. Иванова ва А.Ю. Першай [10; 11], «Психологияи пешвои сиёсӣ» Деркача А.А., Жукова В.И., Лаптева Л.Г. [18] ва ғайраро ворид намудан мумкин аст.

Дар онҳо ба таври мушаххас муаллифон масъалаҳои гуногуни вобаста ба иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ ва идоракунии давлатро мавриди муҳокима қарор додаанд.

Гурӯҳи чорумро таҳқиқоти олимони ҷомеашиноси ватанӣ ташкил медиҳанд, ки ба он таълифоти Л.Н. Додхудоева [31], С. Ҷононов [30], М.А. Ҷумахонова [46], Ф.М. Гарибова [26], В.М. Мирзоева [48], Н.Т. Нуруллохоҷаева [49], М. Раҳматова [50], Н.Х. Хуҷасаидова [52], О. Хушқадамова [53], Д.Ш. Қурбонова [37], Н.Ҷ. Ҷабборӣ [51], Н.И. Шарипова [21], З.Ш. Юсупова [45] ва дигаронро ворид намудан мумкин аст.

Чунончи, хусусиятҳои фарҳангӣ-таърихии мақоми занону мардон дар ҷомеаи Тоҷикистон, ки ба дараҷаи иштироки онҳо дар раванндҳои сиёсӣ ва идоракунии давлат таъсири бевосита мерасонанд, дар интишороти Л.Н. Додхудоева баррасӣ ва таҳлил гардиданд.

Муҳаққиқон С. Ҷононов, М.А. Ҷумахонова масъалаи ҷойгоҳ ва мақоми занонро дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ омӯхта, аз нуқтаи назари илмӣ онҳоро асоснок намудаанд.

Мушкилоти баробарҳуқуқии гендерӣ, хусусиятҳои асосии татбиқи сиёсати гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти Ф.М. Ғарибова, Н.Х. Хуҷасаидова, Н.Ҷ. Ҷабборӣ, Н.И. Шарипова ва З.Ш. Юсупова мавриди таҳлил қарор гирифта, роҳҳои ҳалли он ишора гардиданд.

Дар таҳқиқоти В.М. Мирзоева таърихи рушди ҳаракати занон дар Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият баррасӣ гардида, иштироки онҳо дар соҳаи сиёсат низ то андозае нишон дода шудааст.

Масъалаи занон дар ҷомеаи дар ҳоли тағйир қарордошта дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, дар рисолаи илмии Н.Т. Нуруллохоҷаева коркард гардида, баъзе ҷанбаҳои иштироки онҳо дар равандҳои сиёсӣ низ нишон дода шудаанд.

М. Раҳматова бошад масъалаи мақоми занон ва нақши онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар давраи нави гузариш (солҳои 1992-2004) дар доираи имконоти илми таърих ҳаллу фасл намудааст.

Муҳаққиқони сиёсатшинос Д.Ш. Қурбонова ва О. Хушқадамова дар таҳқиқоти худ мушкилоти иштироки занон дар низоми ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунии Тоҷикистон, инчунин баланд бардоштани нақши онҳоро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа муайян намуда, таҳлили мушаххаси илмиро ба анҷом расонидаанд.

Мо дар таҳқиқоти худ аз осори пуразиши назариявӣ ва амалии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро вобаста ба масъалаҳои татбиқи сиёсати гендерӣ, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа ва ба вазифаҳои давлатӣ ҷалб намудани занонро дар мамлакат истифода бурдем [65; 66; 67].

Дар баробари ин, раванди омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ оид ба масоили иштироки сиёсии занон дар раванди бунёди давлати мустақили миллии Тоҷикистон нишон дод, ки таҳқиқи онҳо ҳамаҷониба ва ба таври комплексӣ низоми илмҳои сиёсии ватанӣ то ҳанӯз ба роҳ монда нашудааст. Аз ин рӯ, пажуҳиши анҷомдодаи мо мубрамияти хосаро доро буда, то як андоза холигии назариявии дар илми сиёсатшиносӣ ҷой доштаро дар ин самт пурра месозад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ. Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷроиши мавзуи илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Масоили амнияти миллӣ ва муайян намудани таҳдидҳои нав ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот - ин муайян намудани дараҷаи иштироки занони Тоҷикистон дар раванди бунёди давлати мустақили миллӣ ва хусусиятҳои асосии он.

Вазифаҳои таҳқиқот. Ба даст овардани мақсади таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зеринро тақозо мекунад:

- баррасии масъалаи баробарии гендерӣ дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа ба сифати объекти таҳлили илмӣ;
- далелнок кардани баробарии ҷинсӣ ҳамчун шарти асосии иштироки фаъоли занон дар равандҳои сиёсӣ;
- ошкор сохтани омилҳои монеъшавандаи иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷамъиятии давлатҳои муосир;
- тавсифи асосҳои ҳуқуқии татбиқи баробарии гендерӣ дар Тоҷикистон;
- муайян ва асоснок намудани заминаҳои иҷтимоию сиёсии фаъолшавии занони Тоҷикистон дар бунёди давлати миллии соҳибихтиёр;

- муқаррар намудани дурнамои иштироки занон дар таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот - падидаи бунёди давлатӣ миллӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ва иштироки занон дар раванди босуботи он мебошад.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот - муайян ва асоснок намудани роҳу воситаҳо ва хусусияти асосии иштироки занони Тоҷикистон дар бунёди давлатӣ миллӣ мебошад.

Фарзияи таҳқиқот аз он иборат аст, ки иштироки занон дар раванди созмон додани давлати миллии соҳибистиқлол, дар баробари мардон, хело муҳим ва самаранок мебошад.

Агар барои иштироки занон дар идоракунии сохторҳои давлатӣ асосҳои ҳуқуқӣ ва заминаҳои мусоиди иқтисодию иҷтимоӣ фароҳам оварда шаванд, он гоҳ онҳо метавонанд дар рушди ҷомеаи демократӣ саҳми арзандаи худро гузоранд.

Зиёда аз ин, иштироки фаъоли занон дар бунёд ва идоракунии давлати миллӣ имкон медиҳад, ки дар дурнамо нуфузи мамлакат дар арсаи байналмилалӣ баланд гардад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Омӯзиш, ҷамъоварӣ мавод, коркарди он ҷиҳати таҳияи диссертатсия аз соли 2016 дар Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ оғоз шудааст. Доираи таърихии таҳқиқот давраи ташаккул ва рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини баробарии гендерӣ, баланд бардоштани нақши занон дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ, инчунин иштироки онҳо дар раванди бунёд ва таҳкими давлати соҳибистиқлолро фаро мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқотро назарияҳо ва консепсияҳои илмӣ оид ба масъалаҳои давлатсозӣ, гендер, баробарии гендерӣ, иштироки сиёсӣ, идоракунии давлатӣ ва рушди институтҳои демократӣ ташкил медиҳанд. Ҳангоми анҷом додани таҳқиқот аз дастовардҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, ва гендершиносӣ, инчунин аз санадҳои байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини баробарии ҳуқуқу имкониятҳои занону мардон ва баланд бардоштани нақши занон дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ истифода шудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-мантиқӣ, таҳлили

муқоисавӣ, системавӣ ва сохторӣ ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқ инчунин аз усулҳои таҳлил, ҷамъбаст ва мушаххаскунонӣ истифода шудааст. Бо истифода аз ин усулҳо масъалаҳои назариявӣ ва амалии иштироки занон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол, омилҳои таъсиррасон ба иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ, инчунин тамоюлҳои асосии рушди сиёсати гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Сарчашмаи маълумот. Сарчашмаҳои асосии таҳқиқотро осори илмии муҳаққиқону сиёсатшиносони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, маводи илмӣ ва таҳлилӣ вобаста ба мавзӯи таҳқиқот, инчунин суханрониҳо ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро далелҳои ба илм асосёфта, натиҷаҳои таҳқиқот, ҳамчунини натиҷаҳои таҳқиқотҳое, ки аз ҷониби мутахассисон гузаронида шудаанд, инчунин мақолаҳои дар матбуоти даврӣ чопшуда, монографияҳо, таҳқиқотҳои диссертатсионӣ, маълумоти омории давлатӣ ва идоравӣ, ҳисоботҳои сохторҳои давлатӣ, маводи матбуоти нашриявӣ ва захираҳои интернетии солҳои охир, ташкил додаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Диссертатсияи дар заминаи Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовaддинови АМИТ ба анҷом расидааст. Инчунин, пойгоҳи таҳқиқот аз сарчашмаҳои илмӣ, осори таълифкардаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, оид ба масъалаҳои гендер, иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ, давлатсозӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилаӣ ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи иштироки занон дар раванди ташаккули давлати миллии соҳибистиқлол дар Тоҷикистон бори нахуст ба таври комплексӣ дар доираи имкониятҳои методологии илми сиёсатшиносӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ба сифати навгонӣ дар таҳқиқот инчунин нуқтаҳои зеринро номбар кардан мумкин аст:

- аввалин бор масъалаи баробарии гендерӣ дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа ба сифати предмети омӯзиши илмӣ баррасӣ гардидааст;

- баробарии гендерӣ ҳамчун шарти асосии иштироки фаъоли занон дар равандҳои сиёси ҷомеа муайян ва асоснок карда шудааст;

- масъалаи омилҳои монеъшавандаи иштироки занон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии давлатҳои муосир дар асоси далелҳои мушаххас таҳлил гардидааст;

- асосҳои ҳуқуқии татбиқи баробарии гендерӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ шуда, тавсифи худро ёфтаанд;

- заминаҳои иҷтимоию сиёсии фаъолшавии занони Тоҷикистон дар бунёди давлати миллии соҳибихтиёр муайян гардида, омӯхта шудаанд;

- дурнамои иштироки занон дар таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон муқаррар шуда, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Баробарии гендерӣ ҳамчун яке аз шартҳои муҳими рушди ҷомеаи демократӣ ва давлати ҳуқуқбунёд аҳамияти калидӣ дорад. Бо вуҷуди он ки масъалаҳои баробарии гендерӣ дар корҳои илмӣ то андозае мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, зарурати омӯзиши он ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти сиёсатшиносӣ боқӣ мемонад. Асосҳои назариявии таҳқиқ собит месозанд, ки иштироки фаъоли занон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол танҳо дар шароити таъмини воқеии баробарии ҳуқуқу имкониятҳои занону мардон имконпазир буда, баробарии гендерӣ бояд на танҳо дар санадҳои ҳуқуқӣ, балки дар амалияи фаъолияти институтҳои давлатӣ ва ҷомеа татбиқ гардад.

2. .Иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ зери таъсири омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ қарор дорад. Монеаҳои анъанавию фарҳангӣ, қолабҳои иҷтимоӣ, нобаробарии имкониятҳои иқтисодӣ, инчунин зӯроварӣ ва табъиз нисбат ба занон иштироки фаъоли онҳоро маҳдуд менамоянд. Дар баробари ин, таҳкими заминаҳои ҳуқуқии таъмини баробарии гендерӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ шарти муҳимми баланд бардоштани нақши занон дар бунёди давлати соҳибистиқлол мебошад.

3. Тақвияти иштироки занон дар идоракунии давлатӣ фароҳам овардани заминаҳои мусоиди иҷтимоию сиёсӣ, рушди институтҳои демократӣ, баланд бардоштани сатҳи дастгирии давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин бартараф намудани стереотипҳои гендерӣ ва анъанаҳои патриархалиро тақозо менамояд. Дар чунин

шароит занон метавонанд имкониятҳои худро дар фаъолияти сиёсӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ пурра амалӣ намоянд.

4. Таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки васеъ гардидани иштироки занон дар низоми идоракунии давлатӣ ба баланд гардидани самаранокии идоракунӣ, таҳкими институтҳои демократӣ ва рушди устувори ҷомеа мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани нақши занон дар идоракунии давлатӣ ва раванди таҳкими истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ буда, такмили механизмҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии дастгирии онҳо аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дар шароити афзоиши пешгӯинашавандагии равандҳои ҷаҳонӣ ҳам дар рушди иҷтимоӣ ва ҳам дар сиёсат, эҷоди имиҷе, ки занонро ба муносибати муайян нисбат ба роҳбарӣ ё ҷараёни сиёсии додашуда водор месозад, аҳамияти бештар пайдо мекунад. Дар Тоҷикистони муосир ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вуҷуд оварда шудаанд ва онҳо қодиранд барои иштироки босамари занон дар раванди минбаъдаи таҳкими истиқлолияти давлати миллӣ мусоидат намоянд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар нуқтаҳои зерин инъикос ѐфтааст: омода ва тайѐр намудани курси махсус вобаста ба омӯзиши сиѐсати гендерӣ; таҳияи барнома ва консепсияҳои пешбурди сиѐсати гендерӣ марбут ба сиѐсати гендерӣ; ҷиҳати таҳкими қонунгузории миллӣ дар самти баланд бардоштани вазъи занон ва духтарон; истифодаи маводи диссертатсионӣ ҳангоми омода кардани матни суханрониҳо, баромадҳо, маърӯзаҳо, мақолаҳои илмӣ, рисолаҳои магистрӣ, номзадӣ ва докторӣ.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аѐн мегардад, ки натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф ҷиҳати такмили минбаъдаи сиѐсати гендерӣ мусоидат мекунанд. Маводи диссертатсияро ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ аз фанни сиѐсатшиносӣ, низоъшиносӣ ва курсҳои махсус дар самти сиѐсати гендерӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Дақиқ будани маълумот, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаи таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин мекунанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ манзур шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ дар мавзӯи “Иштироки занон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз рӯйи мазмун ва муҳтавои худ ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо а технологияҳои сиёси мутобиқат менамояд. Мавзӯи таҳқиқ ба масъалаҳои раванди сиёсӣ,рушди ниҳодҳои сиёсӣ, иштироки субъектҳои сиёсӣ дар идоракунии давлатӣ, сиёсати гендерӣ ва нақши занон дар таҳкими давлатдории миллӣ алоқаманд буда, дар доираи самтҳои таҳқиқотии пешбининамудаи шиносномаи ихтисоси мазкур иҷро гардидааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ. Интихоби мавзуъ, таҳия ва таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмии муаллиф мебошад. Тамоми давраи татбиқи нақшаи корҳои таҳқиқотӣ бо иштироки бевосита ва пешниҳодҳои муаллиф сурат гирифтааст. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба даст оварда шуданд ва инчунин пешниҳодҳои ирсолгардида дар он, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи шахсии мо ба шумор меравад.

Тасвиб (апробатсия) ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Рисолаи диссертатсионӣ дар маҷлиси Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 16 июни соли 2026 мавриди муҳокима қарор гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотии он ҳамчун кори илмии анҷомдодашуда баҳогузорӣ гардида, барои дифоъ дар Шурои диссертатсионӣ тавсия гардидааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот ин 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 173 саҳифаи компютериро ташкил мекунад.

ҚИСМАТҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддимаи диссертатсиямубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян ва асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди он нишон дода шуда, робитаи бевоситаи масъалаи мазкури таҳқиқотӣ ба барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ муайян гардида, асоснок карда шудаанд. Сипас, объект ва предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, фарзияи таҳқиқот ва асосҳои назариявию методологии кори диссертатсионӣ, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор нишон дода шуда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ гардидаанд, саҳми шахсии довталаб, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ нишон дода шудаанд. Инчунин дар ҳамин қисмати диссертатсия тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми кори диссертатсионӣ матраҳ шудаанд.

Боби якуми кори диссертатсия **«Асосҳои назариявии таҳлили масъалаи баробарии гендерӣ дар раванҳои сиёсӣ»** номгузорӣ шуда, ду зербобро дар бар мегирад ва он ба омӯзиши масъалаҳои баробарии гендерӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳамчун объекти таҳлили илмӣ, инчунин паритети ҷинсӣ - омили муайянкунандаи иштироки фаъоли занон дар равандҳои сиёсӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби якум **«Баробарии гендерӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳамчун объекти таҳлили илмӣ»** масъалаи баробарии гендерӣ, ки он ҳамчун яке аз ҷанбаҳои асосии адолати иҷтимоӣ, ба «алфа ва омега»-и сиёсати шаҳрвандӣ дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ва мавзӯи марказии баҳси зеҳнӣ табдил ёфтааст, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар ин ҷо қайд карда мешавад, ки аз назари олимони шинохта ва феминистҳо, таъкид бар фарқиятҳои бунёдии одамон аз рӯи нишонаи гендерӣ дар як қатор институтҳои иҷтимоию сиёсӣ зоҳир мешавад, ки асоси муқаррароти он ва қонунгузориро барои муносибати фарқкунанда ба шаҳрвандон ташкил медиҳад. Ба ақидаи социологи амрикоӣ Элвин Тоффлер, «маҳз дар ҳамин давра баҳои нодуруст ба нақши иҷтимоии зан ташаккул ёфт, ки на танҳо таассуби идеологиро нисбат ба қобилиятҳои онҳо ба вуҷуд овард, балки табъизи ошкороро низ ба бор овард. Ин табъиз дар паст задани мақоми иҷтимоии занон ва дар натиҷа, дар камтар пардохт кардани музди меҳнат дар соҳаҳое, ки аксарияти кормандонро

намояндагони ин ҷинси инсоният ташкил медоданд, зоҳир шуд» [21].

Ба ибораи дигар, дар ҷомеаи муосир мухолифати равшан байни баробарии гендерӣ, ки дар қонунҳо муқаррар шудааст, ва равандҳои воқеии иҷтимоӣ, ки бо нигоҳ доштани фарқиятҳои гендерӣ дар қариб ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тавсиф мешаванд, мушоҳида мешавад. Маълум аст, ки дар нимаи дуюми асри XX, яъне дар даврае, ки ин қабати иҷтимоӣ субъекти пурраи сиёсӣ мегардад, тағйироти ҷиддӣ дар биниши имкониятҳои иҷтимоии зан ба амал наомадааст. Ин ҳодисаи он замонро, ки ҳаракати занони муттаҳидшуда (феминистӣ) ба вуҷуд омад, ба таври равшан нишон медиҳад. Намояндагони он ба мушкилоте, ки занон ҳамчун иштирокчиёни баробарҳуқуқи ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дучор мешуданд, таваҷҷуҳ зоҳир карданд [55].

Барои муайян кардани сабабҳои нобаробарии гендерӣ дар сиёсат, нашрияҳои феминистҳои сиёсатшиноси амрикоӣ - Кейт Миллетт, Сюзан Браунмиллер, Кэтрин Мак Киннон ва дигарон низ аҳамияти калон доранд. Дар асарҳои онҳо, аз як тараф, ба сарчашмаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва фалсафии нобаробарии мавҷудаи гендерӣ ва аз тарафи дигар, ба мушкилоте, ки занон ҳангоми тасдиқи ҳуқуқи худ ба шахсияти худӣ дучор мешуданд, таваҷҷуҳи махсус дода шудааст.

Дар таҳаввулоти фалсафӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии модерн, идеологи фаронсавии ҳаракати феминистӣ Симона де Бовуар низ заминаҳо барои ташаккули азмҳо оид ба барқарор намудани баробарии гендерӣ мебинад. Дар асосноккунии ин нуқтаи назар, вай ба зуҳуроти эмансипасияи занон дар фарҳанги муосири аврупоӣ, ки пеш аз ҳама дар озодии ҷинсии занони қабатҳои болоии ҷамъият зоҳир мешавад, истинод мекунад. Ин ҳолат дар як қатор ҳолатҳо баёнгари таъсири занон, бахусус маҳбубаҳои шоҳон, ба равандҳои ҷамъиятӣ буд. Мисоли ба ҳамин монанд ва нишондиҳандаи иродаи барқарор кардани баробарии гендерӣ метавонад падидаи Жанна д'Арк бошад, ки ҳаёт ва фаъолияти ӯ дар таърихи фарҳанги Аврупо аҳамияти бениҳоят калон дошт [9].

Таълимоти Жан-Жак Руссо дар бораи занон аз нуқтаи назари патриархалӣ, ҷиҳати баробарии табиии инсонҳо, каме дертар дар антропологияи файласуфи немис Иммануил Кант низ ба назар мерасад. Вай таъкид мекунад, ки ҳамаи одамон бояд худро шаҳрвандони ҷаҳон биҳисобанд, «барои муошират бо дигарон пешбинӣ шудаанд ва дар ин муколама тавассути санъат ва илм

фарҳанг, маданият ва ахлоқи худро инкишоф диҳанд. Ҳама гуна майли табиии ҳайвонии онҳо ба ба итоаткории пассивии импулсҳои бароҳатӣ ва некӯаҳволӣ, ки онҳо хушбахтӣ меноманд, метавонист тавассути муборизаи фаъол бо монеаҳои аз ҷониби дағалии табиати онҳо, ки сазовори инсоният аст, ба вуҷуд ояд» [14, с. 354].

Ба назари баъзе пайравони феминизм, вуруди занон ба корҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ барои равнақи шуури шаҳрвандӣ аҳамияти калон дорад. Ин боис шуд, ки занон ҳамчун як гурӯҳи ибтидоӣ бо манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии худ баромад кунанд ва ин, албатта, пояҳои иерархияи анъанавии ҷинсиятро дар сиёсат заиф кард [48].

Дар робита ба замони муосир, метавон гуфт, ки дар кишварҳои мутамаддин иштироки пурра ва самараноки занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа асоси равиши умумимиллӣ ба баробарии гендерӣ мебошад. Далелҳои захирашудаи ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки баробарии гендерӣ дар сиёсат кору фаъолияти ҳукумат, вокуниш ва самаранокии расонидани хизматрасонӣ ва эътимод ба ҳокимият ва мардумеро, ки он намояндагӣ ва ба онҳо хидмат мекунад, беҳтар месозад.

Тавре ки таҳлили адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, то ҳол аксари таҳқиқот ба давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон нигаронида шуда буданд ва танҳо чанд муҳаққиқ аз баррасии масъалаи барбобарии гендерӣ дар раванҳо сиёсӣ дар ин кишварҳо фаротар рафтаанд [26; 45; 61]. Таҳқиқоти иловагӣ дар доираи васеътари мамлакатҳо дарки омилҳои гуногуни таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии минтақа, инчунин фаъолиятҳои гендерӣ ва ислоҳоти сиёсиро дар ҳар як кишвар беҳтар хоҳанд кард. Тавре ки мо аллакай қайд кардем, таҳқиқоти бештар дар бораи масъалаҳои роҳҳои ҳалли амалии пешрафти занон дар сиёсат ва ҳукумат зарур аст.

Ин масъалаҳо метавонанд барои омӯзиши баробарии гендерӣ дар муносибатҳои сиёсӣ дар заминаҳои гуногуни фарҳангӣ хеле ҷолиб бошанд. Ҳамчунин, анҷом додани корҳои минбаъда дар ин раванд тавассути созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, ба монанди Иттиҳоди Аврупо, Созмони Ҳамкории Шанхай ё Созмони Милали Муттаҳид, муфид хоҳад буд. Адабиёти илмӣ акнун ба омӯзиши масъалаҳои то чӣ андоза давлатҳо ин тавсияҳоро ҷиддӣ қабул мекунанд ва оё онҳо дар беҳтар кардани иштироки сиёсии занон муассиранд шурӯъ кардааст.

Муҳаққиқони муосир ба масъалаҳои баробарии гендерӣ дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мекунанд. Онҳо, ба тарзи худ, ҷанбаҳои гуногуни ин падидаро дар таҳаввулоти худ меомӯзанд, аммо дар як чиз розӣ ҳастанд: дар ҳама давру замонҳои таърихӣ баробарии гендерӣ дар сиёсат ва ҳукумат мушоҳида нашудааст. Ҳатто имрӯз, вақте ки раванди ҷаҳонишавӣ босуръат идома дорад ва давлатҳои мутамаддин ба арзишҳои демократӣ ва дунявӣ бештар афзалият медиҳанд, шумораи заноне, ки дар фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ дар ҷомеа иштирок мекунанд, нисбат ба мардон ба таври назаррас камтар аст.

Зербоби дуюм **«Паритети ҷинсӣ - омили муайянкунандаи иштироки фаъоли занон дар равандҳои сиёсӣ»** ба таҳлили масъалаи иштироки оммавии занон дар сиёсат, ки «гуногунӣ ва баробарии равандҳои қабули қарорҳоро дар ҳар давлати мутамаддин ифода намуда, ҳамчун муҳимтарин ҷузъи ҷамъиятҳои муосири демократӣ баромад мекунад» [17], бахшида шудааст.

Маълум аст, ки пешрафти иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ тӯлонӣ ва душвор буда, бо муваффақиятҳои тадриҷӣ ва муборизаи доимӣ барои ҳуқуқҳои худ тавсиф мешавад. Асрҳо мардон дар қудрати сиёсӣ бартарӣ доштанд ва занон, дар маҷмӯъ, ба доираи оила ва хонавода маҳдуд буданд ва дар беҳтарин ҳолат, ба фаъолияти фарҳангӣ машғул мешуданд. Ҳаракатҳои ҳуқуқи интихоботӣ дар охири асри нуздаҳ ва аввали асри бист дар муқовимат ба вазъи мавҷуда нақши муҳим бозиданд, ки дар натиҷа занон дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҳуқуқи овоздиҳӣ ба даст оварданд. Аммо ҳуқуқи овоздиҳӣ танҳо оғози кӯшишҳои занон барои дар қатори мардон ширкат доштан дар равандҳои сиёсӣ буд ва талош барои иштироки баробар дар вазифаҳои давлатӣ ва мақомоти қабули қарор раванди хеле мушкил буд [58].

Бояд қайд кард, ки табъизи сохторӣ ва институтсионалӣ яке аз монеаҳои муҳимтарини иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ мебошад. Чунин ақида комилан асоснок аст, ки «дар давраи тӯлонии рушди инсон, сохторҳо ва муассисаҳои сиёсӣ аз ҷониби мардон барои худашон сохта шуда, аксар вақт онҳо қобилияти занон ва саҳми онҳоро дар пешрафти ҷомеа нодида мегирифтанд» [60, с. 165].

Илова бар ин, низомҳои интихоботӣ, сохторҳои ҳизбӣ ва расмиёти қонунгузорӣ метавонанд монеаҳои ҷиддие барои иштироки занон дар идораи давлатӣ эҷод кунанд. Масалан, баъзе низомҳои интихоботӣ, аз қабили низоми аксарияти оддӣ, одатан ба

ҳизбҳои устувор, ки дар онҳо мардон бартарӣ доранд, мусоидат мекунанд, ки ин барои занон иштироки фаъолона дар сиёсатро мушкил месозад [36]. Ғайр аз ин, равандҳои пешбарии номзадҳо ба ҳизбҳо метавонанд ғаразнок бошанд, зеро занон аксар вақт дар рӯйхатҳои ҳизбӣ дар мавқеъҳои камтар рақобатпазир қарор мегиранд.

Стереотипҳои гендерӣ, ки занонро ҳамчун сарварони камтавонтар тасвир мекунанд ё нақши онҳоро ҳамчун парасторон, на ҳамчун кормандони давлатӣ таъкид намуда, метавонанд онҳоро аз иштирок намудан дар идоракунии сиёсӣ боздоранд. Ин таассубҳо аксар вақт аз ҷониби тасвирҳо дар ВАО тақвият дода мешаванд, ки ба ҷои қобилияти занон дар сиёсат иштирок кардан, ба зебоӣ ё ҳаёти шахсии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Илова бар ин, набудани шахсиятҳои маъруфи зан дар сиёсат метавонад дарки онро ҳамчун як соҳаи мардона тақвият бахшад ва ҷавондухтаронро аз кӯшиши сарварии сиёсӣ боздорад [43].

Азбаски стереотипҳои гендерии тафаккур дар ҳаёти маънавӣ ва фарҳангии одамон то ҳол вуҷуд доранд, решакан кардани эътиқодҳои анъанавӣ ва идеологияи фарҳангӣ аз ҷомеа душвор аст. Бисёре аз занон эҳсос мекунанд, ки роҳбарони зан то ҳол дар байни ҳамкоронашон эҳтиром надоранд. Мутаассифона, табъизи ҷинсӣ то ҳол вуҷуд дорад ва чунон ки соҳибкори машҳури амрикоӣ Шерил Сандберг дуруст қайд мекунад, «Мардон ба таври худкор (автоматӣ) эҳтиромеро, ки сазовори он ҳастанд, мегиранд, дар ҳоле ки занон бояд барои ин эътироф мубориза баранд ва истеъдоди худро исбот кунанд. Ин ҳолатҳо эътимоди занонро ба худ барои ишғоли вазифаҳои роҳбарӣ коҳиш медиҳанд» [63, с. 107].

Тибқи маълумотҳо, дар ҷаҳони муосир, занон тақрибан 75% тамоми корҳои бемуздро иҷро мекунанд, ки онҳо нигоҳубини кӯдакон ва пиронсолон, тозакунӣ ва пухтупазро дар бар мегиранд [59]. Ин ба он далолат мекунад, ки онҳо дар корҳои танзимношуда ва ноустувор, бидуни шартномаҳои меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ кор мекунанд. Чунин вазъият онҳоро ба истисмор ва камбизоатӣ гирифтор карда, аз иштироки сиёсӣ маҳрум месозад. Коршиносон тахмин мезананд, ки тақрибан 600 миллион зан дар ҷаҳон бе ҳимояи қонунӣ дар ҷои кор мебошанд [57]. Ин манзара монеаи ҷиддӣ дар роҳи паритети гендерӣ барои рушди иқтисодӣ, коҳиши камбизоатӣ ва ҷалби васеи занон дар равандҳои сиёсӣ мебошад.

Тафовути доимии ҷойдоштаи музди меҳнати ҷинсӣ истиқлолияти молиявиро маҳдуд мекунад ва барои занон

маблағгузории маъракаҳои сиёсӣ ва рақобати муассир дар интихоботро душвор мегардонад [5]. Ҳамин гуна монеаи иқтисодӣ на танҳо шумораи занонеро, ки метавонанд ба сиёсат ворид шаванд, маҳдуд мекунад, балки қобилияти онҳоро барои нигоҳ доштан ва густариш додани нуфузи худ, ҳатто, пас аз интихоб шудан ба вазифа низ коҳиш медиҳад.

Таҳлили бодиққати моҳияти равандҳои сиёсии муосир нишон медиҳад, ки барои беҳтар кардани паритети гендерӣ давлат бояд имкониятҳои иқтисодии занонро беҳтар кунад, на баръакс. Бахши хусусӣ, мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд якҷоя кор кунанд, то монеаҳои молиявӣ ва фарҳангиро, ки занонро дар ҳошияи сиёсӣ нигоҳ медоранд, бартараф кунанд. Суръати фарогири паритети гендерӣ платформаи ҷаҳониро фароҳам меорад, ки тиҷоратҳо, ҳукуматҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро барои суръат бахшидан ба пешрафт то соли 2030 тавассути муттаҳид кардани нерӯҳо барои тақвияти баробарии гендерӣ ҳамчун омили асосии иқтисодиёт муттаҳид мекунад.

Қобили қайд аст, ки масъалаи паритети гендерӣ ҳамчун омили муайянкунандаи иштироки фаъоли занон дар равандҳои сиёсӣ, хоҳ аз ҷиҳати назариявӣ ва хоҳ амалӣ, ҳанӯз ба таври кофӣ баррасӣ нашудааст. Аз ин рӯ, барои занон пешбарӣ ба мақоми баландтари давлатӣ аз сабаби монеаҳо ба монанди стереотипҳои гендерӣ ва нобаробарии гендерӣ хеле душвортар аст.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Масоили иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ ва асосҳои ҳуқуқии баробарии гендерӣ дар Тоҷикистон»** чунин масъалаҳо, ба монанди омилҳои монеъшавандаи иштироки занон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии давлатҳои муосир ва асосҳои ҳуқуқии баробарии гендерӣ ҳамчун заминаи муҳими иштироки занони Тоҷикистон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол баррасӣ гарданд.

Зербоби якуми ин фасл **«Омилҳои монеъшавандаи иштироки занон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии давлатҳои муосир»** ба муайян ва таҳлил намудани омилҳое, ки барои иштироки занон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии давлатҳои муосир, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, монеа эҷод мекунанд, бахшида шудааст.

Дар ин фасли таҳқиқот ҳайд карда мешавад, ки аз замонҳои қадим то ба имрӯз, дар аксари давраҳои таърихи инсоният, занон аз иштирок дар умури сиёсӣ, аз қабили овоздиҳӣ, номзад шудан ва ба

мақомҳои роҳбарӣ расидан маҳрум буданд. Вале бо мурури замон, онҳо ҳуқуқ ва имкониятҳои бештаре ба даст оварданд ва дар марҳилаи имрӯзаи пешрафти башар занон дар сиёсати кишварҳои ҷаҳон саҳми арзанда мегузоранд.

Иштироки занон дар сиёсат ба таври анъанавӣ бо меъёрҳои иҷтимоӣ ва монеаҳои ҳуқуқӣ маҳдуд мешуд ва дар бисёре аз кишварҳо то ба наздикӣ, аниқтараш, то асри бистум, ба онҳо иҷозат дода намешуд, ки дар интихобот ширкат варзанд ё мансабҳои сиёсиро ишғол кунанд. Ҳатто дар кишварҳое, ки ба занон иҷозаи овоздиҳӣ дар интихобот дода шуда буд, онҳо аксар вақт бо монеаҳои ҷиддӣ, аз қабили имтиҳонҳои саводнокӣ ва талабот оид ба соҳиби амвол будан рӯ ба рӯ мешуданд. Чӣ тавре муҳаққиқон қайд менамоянд, занон аксар вақт аз ҳизбҳо ва ташкилотҳои сиёсӣ хориҷ карда мешуданд, ки ин қобилияти онҳоро барои таъсир расонидан ба қабули қарорҳои сиёсӣ маҳдуд мекард [40].

То ҳанӯз занон ҳангоми ба вазифаҳои сиёсӣ пешбарӣ шудан бо монеаҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Яке аз бузургтарин мушкилот ин маблағгузорӣ аст, зеро занон аксар вақт нисбат ба мардон дастрасии камтар ба захираҳои молиявӣ доранд. Ин ба онҳо барои гузаронидани маъракаҳои самарабахш ва рақобат бо номзадҳои ҷинси мард душворӣ меорад. Ғайр аз ин, занон аксар вақт дар давоми маъракаҳои сиёсӣ мавриди ҳамлаҳои ҷинсиятпарастона ва занситезӣ қарор мегиранд, ки ин метавонад хоҳиши онҳоро барои ба вазифаҳо пешбарӣ шудан коҳиш диҳад. Аз ҷумла, занон дар маъракаҳои сиёсӣ борҳо бо таҳқирҳои ҷинсиятӣ ва занситезӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин метавонад онҳоро аз ширкат дар интихобот боздорад [61].

Таҷриба нишон медиҳад, ки монеаҳои равшани иштироки занон дар сиёсат монеаҳои анъанавӣ ва фарҳангӣ, инчунин меъёрҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ бар зидди онҳо ҳамчун сарварон ва қабулкунандагони қарор мебошанд, ки дар ҷомеа реша давондаанд. Барои рафъи ин, барои занон муҳим аст, ки дастгирии зарурии иҷтимоӣ ва оилавӣ дошта бошанд. Муҳим аст, ки афзалиятҳои иштироки занон дар қабули қарорҳо таъкид карда шаванд ва намунаҳои маҳаллӣ барои тақлид мавҷуд бошанд, то ба тавсеаи иқтидори минтақа ё ноҳия мусоидат кунанд. Барои он ки ҳизбҳои сиёсӣ фаъолтар шаванд, доштани квотаҳои ҳатмӣ, ба монанди ҳадди ақал 30% занон дар сохторҳои роҳбарикунанда ва мавҷудияти шӯъбаҳои занона дар ҳизбҳои сиёсӣ муфид аст [18].

Аз нигоҳи мо, мушкиле, ки имрӯз ҳамаи муҳаққиқоне, ки баробарии гендериро дар равандҳои сиёсӣ ҷонибдорӣ мекунанд, бо он рӯбарӯ мешаванд, тафовути калон байни арзишҳои муштаракест, ки дар сиёсат ва амалияҳои миллӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд. Пеш аз муайян кардани стратегияҳои калидӣ барои мусоидат ба иштироки сиёсии занон ва унсурҳои муҳими муҳити мусоид барои тақвияти сиёсии онҳо, зарур аст, ки дарки амиқтари заруратҳои сохтории ҷомеае, ки дар он иштироки сиёсии занон муқаррар шудааст, ҷустуҷӯ карда шавад.

Омили дигаре, ки иштироки занонро дар равандҳои сиёсӣ дар баъзе кишварҳои ҷаҳон маҳдуд мекунад, патриархат, низоми бартарии мардон аст. Он мардонро ба субъектҳои бартаридошта дар равандҳои сиёсӣ табдил медиҳад ва иерархияи муносибатҳои гендериро ба вуҷуд меорад, ки ба онҳо имтиёз медиҳад. Аз диди муҳаққиқон, падаршоҳӣ «як низоми оилавӣ-иҷтимоӣ, идеологӣ ва сиёсиест, ки дар он мардон бо зӯрӣ, фишори мустақим ё тавассути маросим, анъана, қонун ва забон, расму оин, одоб, маориф ва тақсими меҳнат муайян мекунанд, ки занон кадом нақшро бояд бозӣ кунанд ё накунанд, ки дар он онҳо дар ҳама ҷо ба мардон тобеъанд» [62, с. 57].

Бартарии мардон дар сиёсат, ҳизбҳои сиёсӣ ва фарҳанги сохторҳои расмии сиёсӣ омили дигаре аст, ки ба иштироки сиёсии занон монеъ мешавад. Ҳизбҳои сиёсии бартарии мардон аксар вақт дар масъалаҳои дорои аҳамияти миллӣ назари мардона доранд, ки ин занонро ноумед мекунад, зеро назари онҳо аксар вақт нодида гирифта мешавад ва дар сиёсати ҳизбии онҳо инъикос намеёбад [46]. Илова бар ин, занон одатан ба мақомҳои роҳбарикунанда дар сохторҳои ҳизбӣ интихоб намешаванд, зеро дар байни роҳбарони мардон таассуби ҷинсӣ вуҷуд дорад.

Равшан аст, ки монеаҳои иштироки занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ дар давлатҳои муосир реша дар сохторҳои қудратӣ дар сатҳҳои миллӣ ва байналмилалӣ доранд. Сиёсати рушд ва ҷаҳонишавӣ боиси афзоиши камбизоатӣ, каноргузорӣ ва маргиналии баъзе қишрҳои аҳолӣ дар бисёр кишварҳои рӯ ба инкишоф гардидааст. Вазъияти ба ин монандро дар давлатҳои нави соҳибиистиқлол, ки дар фазои пасошӯравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо шудаанд, мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин кишварҳо ҷо сиёсати баробарии гендерӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ, гарчанде ки бо тарзи муайяне, амалӣ карда мешавад. Аз ин ҷиҳат, бартараф намудани мушкилоти иштироки

занон дар Тоҷикистон дар бунёди давлати мустақили миллӣ сазовори таваҷҷӯҳи махсус аст.

Дар зербоби дуюм **«Ҷанбаҳои ҳуқуқию иҷтимоии таъмини баробарии гендерӣ дар оаванди таҳкими давлати соҳибистиқлол»** масъалаи таъмини асосҳои ҳуқуқии баробарии гендерӣ ҳамчун заминаи муҳими иштироки занони дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Қобили зикр аст, ки пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонуну санадҳо, барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо, конвенсияҳо оид ба кафолатҳои ҳуқуқии занон ва масъалаҳои гендериро қабул кард. Дар муддати нисбатан кӯтоҳ барои таъмини баробарии гендерӣ ва ҳифзи манфиатҳои қонунии занон дар Тоҷикистон беш аз 20 санади муҳими давлатӣ қабул карда шуд. Гузашта аз ин, дар соли 2014 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Комиссияи СММ оид ба вазъи занон гардид, ки барои фаъолияти онҳо дар соҳаи сиёсат ва сохтмони давлатӣ заминаи боз ҳам мусоид фароҳам овард.

Ба ақидаи муҳаққиқон, Тоҷикистон қадами аввалини худро дар роҳи баробарии гендерӣ дар замони истиқлолияташ дар соли 1993, замоне гузошт, ки «Конвенсия дар бораи аз байн бурдани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон»-ро ба тасвиб расонд [27]. Моддаи 17-и боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарии гендериро дар кишвар таъмин намуда, дар он таъкид гардидааст, ки «Зану мард ҳуқуқҳои баробар доранд» [1].

Зиёда аз ин, бо мақсади беҳтар намудани дастрасии духтарон ба таҳсил соли 1997 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чудо намудани квотаи президентӣ барои духтарони болаёқат аз минтақаҳои дурдаст» қарор қабул намуд. Ин барои духтарон барои фаъолонатар дар таълиму тарбия имкониятҳои васеъ фароҳам овард, то ки онхо нақши худро дар ҷомеа мустаҳкам кунанд [56]. Ин тадбир ба он мусоидат намуд, ки духтарони соҳибмаърифат ва донишманд дар муассисаҳои таҳсилоти оли ва касбии дохил ва хориҷи мамлакат озодона таҳсил намуда, дар рушду нумӯи кишвари худ саҳмгузор бошанд.

Тайи 20 соли охир қонуну санадҳои меъёрӣ ва стратегияву барномаҳое қабул шудаанд, ки тамаркузи аслии онҳо тақвияти нақши занон дар ҷомеа мебошад. Аз ҷумла, соли 2005 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари мардону занон» қабул карда шуд.

Навоварии ин қонун ворид шудани мафҳумҳои «гендерӣ», «сиёсати гендерӣ», «баробарии гендерӣ», «имкониятҳои баробар» ба қонунгузории кишвар буд [27]. Ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои занон дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷилавгирии хушунат дар оила», «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробар ҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ва ғайра низ муқаррар гардидааст [2; 3].

Масъалаҳои хушунат нисбати занон низ дар Стратегияи миллии рушд (2016-2030) ва Барномаи миёнамӯҳлати рушд (2016-2020), ду ҳуҷҷат, ки ҳукумат онҳоро ҳамчун харитаи роҳ барои рушди устувор мешуморад, хуб инъикос ёфтааст. Дар байни якчанд афзалиятҳои калидӣ, ки дар Стратегияи миллии рушд, ки то соли 2030 муайян гардидааст, ҳамчун беҳбуди омори гендерӣ ва ташкили махзани муттаҳидшуда оид ба ҳама намуди хушунат калиди пешгирӣ ва вокуниш ба ҳисоб меравад.

Пешравии назаррас дар масъалаи баробарии гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ќабули Ќонун «Дар бораи кафолатњои давлатии баробарии мардону занон ва имкониятњои баробари амалисозии онњо» (соли 2005) мебошад. Қонуни мазкур муносибатҳоро ҷиҳати таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занон дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳо танзим намуда, ба пешгирии табъиз аз рӯи ҷинс нигаронида шудааст ва кафолатҳои давлатии имкониятҳои баробарро барои шахсони ҷинсҳои гуногун муқаррар менамояд. Ин аз љињати њуќуќї дастоварди бузурге барои кишвар буд, зеро ќонун ба рафъи табъиз вобаста ба гендер нигаронида шудааст. Бо ин қонун дар кишвар баробарии гендерӣ эътироф шуда, ба занон ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти шоиста ва дастрасӣ ба захираҳои иқтисодии ҷомеаро фароҳам овард.

Бо мақсади татбиқи ҳуқуқҳои занон як қатор қонунҳо ва қарорҳои ҳукумат, аз ҷумла Барномаи давлатии «Таълим, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби духтарон ва занони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022» аз 1 апрели соли 2017, Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 2020 2010, Нақшаи чорабиниҳои «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» аз 29 августи соли 2015 ва ғайра.

Чунинн барномаҳо бояд ба дастоварди воқеии баробарии гендерӣ дар кишвар мусоидат кунанд. Ин маънои онро дорад, ки баробарҳуқуқӣ на танҳо дар рӯи коғаз, балки дар воқеият хоҳад буд: дар парлумон ва дар тамоми шохаҳои дигари ҳокимият 50% занон, ё ҳадди ақал 30%, занони додситон бошад 50% хоҳанд буд. Фоизи занони соҳибмулкон то 50 фоиз зиёд мешавад ва ғайра. Дар идеал ҳама чиз бояд ҳамин тавр бошад, вале вазъият ба самти мусбат 30 фоиз тағйир ёбад ҳам, аллакай дар бораи ба даст овардани натиҷаҳои мусбӣ сухан рондан мумкин аст.

Боби сеюми диссертатсия **«Заминаҳои тақвият бахшидани фаъолияти занон дар бунёди давлати миллӣ ва дурнамои иштироки онҳо дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ»**, ки аз 2 зербоб иборат аст, ба омӯзиши чунин мушкилот, аз қабили манбаъҳои иҷтимоию сиёсии тақвият бахшидани фаъолияти занони тоҷик дар бунёди давлати миллӣ, инчунин дурнамои иштироки онҳо дар раванди минбаъдаи таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар зербоби якум **«Манбаъҳои иҷтимоию сиёсии тақвият бахшидани фаъолияти занони Тоҷикистон дар бунёди давлати миллӣ»** таъкид шудааст, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи ҳуқуқҳои баробари занону мардон идома дода, заминаҳои иҷтимоию сиёсии иштироки онҳоро дар идоракунии давлати миллӣ фароҳам меорад.

Мутаассифона, дар натиҷаи низоъҳои мусаллаҳонаи дохилӣ, ки дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ сар зада буданд, маҳдудиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва дидгоҳҳои анъанавии динӣ, мо баъзе мисолҳои таассуб ва табъизи нисбати занонро дар ҷомеаи тоҷикистонии ҳамондавра мушоҳида мегардиданд. Мақомоти давлатии Тоҷикистон чунин сиёсати гендериро ба роҳ мондааст, ки он ба бартараф кардани нобаробарии занон бо мардон дар мамлакат нигаронида шудааст. Айни замон Ҳукумати Тоҷикистон барои аз байн бурдани табъиз нисбати занон, беҳтар намудани сифати вазъи ин қисмати ҷомеаи кишвар ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандии онҳо шароити мусоиди иҷтимоӣ-сиёсиро ба вуҷуд оварда истодааст.

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» Ҳукумати кишвар рушди низоми таъмини рушди фарогир; коҳиш додани нобаробарии гендерӣ дар асоси такмили сиёсатҳо барои таъмини баробарии воқеии гендерӣ; пешгирии

ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба занон ва духтарон ва зиёд кардани захираҳои молиявӣ пешниҳод кардааст [4].

Сарфи назар аз ин нишондиҳандаҳо ва дастовардҳои мусбат, мушкилоти ҷиддӣ барои фароҳам овардани заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ ҷиҳати иштироки занон дар идоракунии давлатӣ боқӣ мемонанд. Зеро, аввалан, занон бояд дастрасии оқилона ба мансабҳои қудратӣ дошта бошанд. Қудрат дар ҷомеаҳои демократӣ аксар вақт ба муносибатҳои оилавӣ, ҷамъиятӣ ё иқтисодӣ асос ёфтааст, ки солҳои тӯлонӣ вуҷуд доранд. Дар кишварҳое, аз ҷумла Тоҷикистон, ки нақши иҷтимоии занон нав ба вуҷуд омада истодааст, ба таври васеъ иштирок надоштани онҳо дар ин раванд метавонад монеаҳои ҷиддӣ эҷод кунад. Барои он ки занон тавонанд рақобат кунанд, тағйироти сохторӣ зарур аст, то имкониятҳои нав барои ба даст овардани мансабҳои сиёсии қудратӣ фароҳам оварда шаванд. Бо истифодаи дуруст имкониятҳо, тадбирҳои ислоҳотии ихтиёрӣ ё қонунӣ, аз қабили квотаҳо, метавонанд ба занон имконият диҳанд, ки ба мансабҳои роҳбарӣ дар сохторҳо давлатӣ дастрасӣ пайдо кунанд.

Конститутсияи дилхоҳ давлат, аз ҷумла Тоҷикистон, сохтори роҳбарикунандаи онро таъмин мекунад ва метавонад ба қобилияти занон дар иштирок дар ҳаёти сиёсӣ таъсири амиқ расонад. Он аксар вақт миллат, ҳуқуқҳо ва шаҳрвандиро, инчунин имтиёзҳоеро, ки бо шаҳрвандӣ ҳамроҳӣ мекунанд, муайян мекунад. Тибқи маҷмӯи муқаррароти гендерӣ, ки дар Конститутсияҳои 186 кишвари (аз 195 мамлакати мавриди баррасӣ қарордодашуда) муқаррарот дар бораи баробарӣ умуман ё «баробарӣ дар назди қонун» мавҷуданд. Илова бар ин, Конститутсияҳои 39 кишвар муқаррароти амиқеро дар бораи ҳуқуқҳои занон дар бар мегиранд [54].

Занон, бешубҳа, нақши муҳимро дар оила ва ҷомеа мебозанд, аммо инчунин зарур аст, ки шароит барои иштироки пурраи онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, дар назар гирифтани ниёзҳои модариву некӯаҳволии хонавода таъмин карда шавад. Танҳо дар ин сурат метавон ба оромӣ ва мувозинат дар ҷомеа ноил гардид. Занони муосир, ки ба фаъолияти касбӣ машғуланд, нисбат ба онҳое, ки кор намекунанд, хеле камтар вақтро ба нигоҳубини кӯдакон сарф мекунанд. Вақте, ки модари дар истеҳсолот банд буда вақти хуро махсус ба муошират бо кӯдакон сарф мекунад, он қадар аҳамияти калон надорад. Ин тамоюли коҳиши таваллуд, хусусан дар

шароити номуайянии иҷтимоӣ, ки хоси ҷомеаи бозории муосир аст, ба назар мерасад.

Компоненти иҷтимоӣ-фарҳангии тақвият бахшидани иштироки занон дар амалисозии ҳокимият чунин мазмун дорад, ки ҳангоми идоракунии давлатӣ, бешубҳа, принсипи баробарии ҷинсӣ метавонад самарабахш бошад, яъне, ҳангоми қабули ҳамаи қарорҳои сиёсӣ, мансабҳои ташкилӣ анъанавӣ аз ҷониби мардон ишғол карда мешаванд. Бешубҳа, нақши охиринро бошад он мебозад, ки занон ва мардон, чун қоида, дастрасии гуногун ба сиёсат доранд. Занон аксар вақт ба сиёсат таваҷҷуҳ доранд. Аз ин рӯ, бисёри онҳо худро дар соҳаи иҷтимоӣ ва маориф, мавзӯъҳои сиёсии «нарм» меёбанд. Аммо, қарор дар бораи он, ки дар ин соҳаҳо чӣ гуна озодии амал имконпазир аст, ба дигар идораҳо, ба мисли буҷет, молия, сохтмон ва нақлиёт низ дахл дорад [12].

Барои ба вуҷуд овардани заминаҳои иҷтимоию сиёсии иштироки фаъоли занон дар идоракунии давлати миллӣ анъанаҳои патриархалӣ дар фарҳанги сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ, ки бо дурии тӯлонӣ ва амиқ аз қудрат тавассути иҷтимоишавии нақши ҷинсӣ ва ба таври хос сиёсӣ тавсиф мешаванд, инчунин таассубҳо ва стереотипҳои дар ҷомеа ташаккулёфта таъсир мерасонанд. Аммо дар Тоҷикистони муосир дар иштирок ва намояндагии занон дар сохторҳои давлатӣ тамоюлҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки фаъолияти сиёсии шумораи бештари ин қишри иҷтиомии ҷомеа ва гуногунии шаклҳои сафарбаркунии сиёсии онро инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, барои тақвият бахшидан ба фаъолияти занони Тоҷикистон дар бунёди давлати миллӣ заминаҳои иҷтимоию сиёсии муносибро бояд ба вуҷуд овард ва онҳоро ҳамаҷониба пурзур намуд. Зеро танҳо дар сурати воқеан пойдор намудани заминаҳои иҷтимоию сиёсии иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ ва идоракунии давлати миллӣ метавон саҳми боризи онҳоро дар раванди минбаъдаи пойдор намудани истиқлолияти давлатӣ дар кишвар боз ҳам пурзур намуд.

Зербоби дуюми боби сеюм **«Дурнамои иштироки занон дар раванди минбаъдаи таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон»** номгузори шуда, дар он қайд гардидааст, ки муайян намудани иштироки занон дар идоракунӣ ва раванди таҳкими истоқлоли давлатии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрам ва доғи рӯз буда, моҳият ва самаранокии дастгирии иҷтимоию ҳуқуқии онҳо дар дурнамо аҳамияти хоса дорад. Зеро монеаи ноаён, вале

воқеӣ, ки зани сарвар ҳангоми кӯшиши расидан ба қуллаҳои муваффақият ба он дучор мешавад, ҳануз ҳам вуҷуд дорад. Аммо, барои мардон чунин монеа дар ҷомеаи миллии тоҷикистонӣ вуҷуд надорад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки занон нисбат ба мардон барои пешрафт дар ишғоли мансабҳои давлатӣ дар тули таърих монеаҳои бештар доштанд.

Таъсири тағйироти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва муассисавӣ ба вазъи занон, ба нақши онҳо ҳамчун объект ва иштирокчии рушди ҷамъиятӣ ҳамеша хеле мураккаб ва ҳатто пуртаззод ба шумор меравад. Чунин дигаргуниҳо дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, аз як тараф, занро ба пояи баланд бардошта, нақши ӯро асосан дар бунёд ва нигоҳдории хонавода, тарбияи фарзандон муайян менамояд. Вале, аз тарафи дигар, онҳо монеъи истифодаи меҳнати занон дар корҳои вазнин ва нодида гирифтани нобаробарӣ дар музди меҳнаташон намегардиданд.

Ислоҳоти дар кишвар амалишаванда дар дурнамо имкониятҳои навро барои тезонидани ҳамгироии занон ба соҳаҳои иқтисод, сиёсат ва фарҳанг мекушоянд. Аммо онҳо метавонанд инчунин манбаи шиддати зиддияти байни нақшҳои асосии зан низ бошанд, яъне: модар, хонашин, корманди касбӣ, нафари мустақил ва шахсияти озодона инкишофёбанда.

Дар шароити афзоиши пешгӯинашавандагии равандҳои ҷаҳонӣ ҳам дар рушди ҷамъиятӣ ва ҳам дар сиёсат, эҷоди имиҷе, ки занонро ба муносибати муайян нисбат ба роҳбарӣ ё ҷараёни сиёсии додашуда водор месозад, аҳамияти бештар пайдо мекунад. Чунин ҳолат фаъолияти шахсии онҳоро бездошта, водор месозад, ки имкониятҳои ҳақиқии худро нишон дода, ба фаъолияти муштарак биравад, ки ин метавонад натиҷаҳои беҳтаре аз оқибатҳои ташвиқот ё маҷбуркунӣ диҳад. Ҳамин тавр, принсипи «мардона»-и ирода дар сиёсат бо принсипи «занона»-и густохӣ иваз мешавад [37].

Аз диди мо, барои дар дурнамо таъмин намудани иштироки васеи занон дар раванди минбаъдаи таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон Ҳукумати кишварро зарур аст, ки чораҳои имконпазири зеринро биандешад:

1. Тадбирҳои махсус. Истифодаи квотаҳои гендерӣ дар афзоиши иштироки занон самарабахш будааст. Дар кишварҳое, ки квотаҳои парлумонӣ ҷорӣ шудаанд, занон ба ҳисоби миёна 16,4 фоизи ҷойҳои парлумонро ишғол мекунанд, дар ҳоле ки дар кишварҳое, ки чунин квотаҳо вуҷуд надоранд, ин нишондод 18

фоиз аст [17]. Ба ҳамин тариқ, дар кишварҳое, ки квотаҳои қонунӣ барои интихоботи маҳаллӣ муқаррар шудаанд, намояндагии занон ба ҳисоби миёна ҳафт нуқтаи фоизӣ меафзояд.

Аммо имконияти квотаҳо аксар вақт пурра амалӣ намешаванд, дар ҳоле ки нишондиҳандаҳои ҳадаф камтар аз 50 фоиз муқаррар карда мешаванд ва механизмҳои татбиқи онҳо вуҷуд надоранд ё заифанд. Дар ҳоле ки 94 кишвар квотаҳои гендерӣ дар парлумонҳо ҷорӣ кардаанд, танҳо як панҷуми ин кишварҳо нишондиҳандаи ҳадафи 50 фоизро муқаррар кардаанд [17].

2. Бо зӯроварӣ хотима бахшидан. Зӯроварӣ на танҳо монеи амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои занон мегардад, балки институтҳои давлатӣ, натиҷаҳо ва пешравиро низ суст мекунад. Ҳукумат бояд қонунҳо ва чораҳои сиёсиро барои пешгирии зӯроварӣ дар давоми ва баъди интихобот қабул ва амалӣ созад, инчунин ҷиноятқоронро ба ҷавобгарӣ кашида, дастрасиро ба адолати судӣ ва хизматрасонӣ барои қурбониён васеъ намояд. Барои муборизаи самарабахш бо зӯроварӣ нисбати занон дар сиёсат, ҳукуматҳо бояд маълумотҳоро дар бораи нақзи онлайн ҷамъоварӣ намоянд ва Васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоиро ба ҷавобгарӣ кашанд.

3. Баробарҳуқуқӣ. Мақомоти идоракунӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор бояд қарорҳо ва кодексҳои рафтори фарогирро таҳия ва татбиқ намоянд, ки ба мусоидат ба табъиз накардан, адолат, шаффофият, озодӣ аз зӯроварӣ ва ҳалли низоъҳо нигаронида шудаанд. Барои таъмини ҳуқуқи занон ба овоздиҳӣ, ҳукумат бояд ба қайди интихобкунандагон мусоидат намуда, амниятро дар участкаҳои интихоботӣ таъмин намоянд ва занонро аз маҷбуркунӣ ё тарсондан муҳофизат кунанд.

4. Дастгирии занон. Ҳукумат бояд ба барномаҳои тақвиятдиҳии иқтидори занон барои рушди маҳорати сарварӣ ва маъракаҳои интихоботии онҳо сармоягузорӣ намуда, инчунин маблағгузории онҳоро танзим кунад, то маблағҳои мақсаднокро барои номзадҳо аз ҳисоби занон ҳавасманд созад.

5. Маълумоти оммавӣ. Қонунҳо бояд ба таври мутавозин ҳамаи номзадҳоро инъикос кунанд, суханронии нафратовар ва даъваткунанда ба зӯровариро манъ кунанд, стереотипҳои гендерӣ ва табъизро нисбати занон пешгирӣ намуда, онҳоро муҳофизат кунанд. Илова бар ин, бояд назорати мустақил ва инчунин чораҳои қатъӣ барои вайронкунӣ муқаррар карда шаванд.

Аммо, новобаста аз он ки қудрати сиёсӣ то чӣ андоза самаранок бошад, яке аз роҳҳои дуруст интихоб, пешбарӣ ва таъини кадрҳо, бахусус роҳбарони сиёсӣ аз ҳисоби занон мебошад. Дар ин сурат, зарур аст, ки низоми алтернативии интихобот ҷорӣ карда шавад, муҳлати муайяни ваколат муқаррар карда шавад, ҳисоботдиҳӣ ва мубориза бо фасод дар сатҳҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ ба роҳ монда шавад.

ХУЛОСА

I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳлили масъалаи иштироки занон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар давраи пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ таҳаввули самти мусбатдоштаи муносибатҳои гендерӣ дар кишвар дар ин маврид нақши муҳим бозидааст. Дар солҳои охир иштироки занон дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ба таври назаррас афзоиш ёфта, ҳиссаи занон дар бунёди давлати соҳибистиқлоли демократӣ ва ҳуқуқбунёд бамаротиб афзоиш ёфтааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, дар шакли мухтасар хулосаҳои зеринро баровардан мумкин аст:

1. Масъалаи баробарии гендерӣ дар сиёсат ҳамеша дар маркази диққати мутафаккирон ва муҳаққиқони сиёсатшинос (Жан-Жак Руссо, Мэри Эстелл, Олимпия де Гуж, Элвин Тоффлер в дигарон) қарор гирифта, аз ҷониби онҳо ба таври ҷиддӣ таҳлил гардидааст. Мушкилоти мазкур қариб аз замони таъсиси Созмони Милали Муттаҳид низ дар рӯзномаи ҷаҳонӣ қарор дорад. Аз он лаҳза то имрӯз, кишварҳои узви он чораҳои гуногунро барои муқаррар кардани баробарии ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ байни ҷинсҳо, де-юре ва де-факто, амалӣ кардаанд. Намояндагони СММ, таҳти роҳбарии Муншии ин Созмон, пайваста барои беҳтар кардани сифати зиндагии занон дар саросари ҷаҳон мубориза мебаранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар бисёр давлатҳои ҷаҳони муосир, бахусус дар ҷумҳуриҳои мустақили пасошӯравии, монеаҳо ва мушкилоти зиёде мавҷуданд, ки ба занон баробар бо мардон аз иштироки фаъолона дар равандҳои сиёсӣ халал мерасонанд, ки ин нақши онҳоро дар раванди бунёди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқӣ коҳиш медиҳад. [2-М]

2. Бешубҳа, омили муайянкунандаи иштироки фаъоли занон дар равандҳои сиёсӣ таъмини паритети ҷинсӣ ба шумор меравад.

Масъалаи паритети гендерӣ ҳамчун омили муайянкунандаи иштироки фаъоли занон дар равандҳои сиёсӣ, хоҳ аз ҷиҳати назариявӣ ва хоҳ амалӣ, ҳанӯз ба таври кофӣ баррасӣ нашудааст. Аз ин рӯ, барои занон пешбарӣ ба мақоми баландтари давлатӣ аз сабаби монеаҳо ба монанди стереотипҳои гендерӣ ва нобаробарии гендерӣ хеле душвортар аст.

Новобаста аз пешрафти назарраси даҳсолаҳои охир, занон дар сиёсат то ҳол бо монеаҳое рӯ ба рӯ мешаванд, ки иштироки комили онҳоро дар идоракунии давлат ва таъсиррасонӣ ба қарорҳои сохторҳои ҳокимият маҳдуд мекунанд. Табъизи сохторӣ ва институтсионалӣ, ки ноил шудан ба паритети гендериро халалдор иесозад, яке аз монеаҳои ҷиддии иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ мебошад. Бахусус, чунин ҳолат бештар дар низомҳои интихоботӣ, сохторҳои ҳизбӣ ва расмиёти қонунгузорӣ ба назар мерасад.

Набудани адолати иҷтимоӣ дар бисёр соҳаҳои ҷомеа, ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ, ки дар он тақсими захираҳо одилона аст ва ҳамаи аъзоён бояд аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва равонӣ ҳифз карда мешаванд, барои ба вуҷуд овардани паритети гендерӣ мушкилоти ҷиддӣ мебошад. Зеро долати иҷтимоӣ чунин арзишҳоро ба монанди инсоф, эҳтиром, ғамхорӣ ва баробариро дар бар гирифта, аз роҳбарияти сиёсӣ тақозои таъмини таъмин баробарии имкониятҳои ҷинсиро дар идоракунии давлат пеш мегузорад. Яъне, вазифаҳо дар сохторҳои давлатӣ бояд барои ҳарду ҷинс баробар дастрас бошанд ва ягона чизе, ки муҳим аст, ин маҳорат ва қобилиятҳои шахсии онҳост. [6-М]

3. Дар раванди иштироки занон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии давлатҳои муосир як қатор омилҳои монеъшавандаи ба назар мерасанд, ки онҳоро бояд бартараф намуд. Яке аз мушкилот асосӣ дар ин самт маблағгузорӣ мебошад, зеро занон аксар вақт нисбат ба мардон дастрасии камтар ба захираҳои молиявӣ доранд. Ин омил ба онҳо барои гузаронидани маъракаҳои самарабахш ва рақобат бо номзадҳои ҷинси мард дар ҳаёти сиёсӣ душворӣ меорад.

Омили дигаре, ки иштироки занонро дар равандҳои сиёсӣ дар баъзе кишварҳои ҷаҳон маҳдуд мекунад, патриархат - низоми бартарии мардон аст. Он мардонро ба субъектҳои бартаридошта дар равандҳои сиёсӣ табдил медиҳад ва иерархияи муносибатҳои гендериро ба вуҷуд меорад, ки ба онҳо имтиёз медиҳад. Бартарии мардон дар сиёсат, ҳизбҳои сиёсӣ ва фарҳанги сохторҳои расмии

сиёсӣ омили дигаре аст, ки ба иштироки сиёсии занон монеъ мешавад.

Абатта, дар шароити падаршоҳӣ (патриархат) дар демократияҳои муосир, вақте ки занон тавассути квотаҳои гендерӣ ба сиёсат ворид мешаванд, онҳо наметавонанд сиёсати ҷинсии ниҳодҳои давлатиро тағйир диҳанд. Ба ҷои ин, онҳо маҷбуранд мувофиқи шартҳои мардон амал кунанд. Аз ин рӯ, метавон хулоса бароварда, ки бидуни тағйири сиёсати васеътар, квотаҳои гендерӣ наметавонанд ба иштироки васеъи занон дар равандҳои сиёсӣ оварда расонанд. [7-М]

4. Заминаи муҳими иштироки занони Тоҷикистон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлоли миллӣ асосҳои ҳуқуқии баробарии гендерӣ дар кишвар ба шумор меравад. Дар ин самт, пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонуну санадҳо, барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо, конвенсияҳо оид ба кафолатҳои ҳуқуқии занон ва масъалаҳои гендериро қабул кард. Дар як муддати нисбатан кӯтоҳ барои таъмини баробарии гендерӣ ва ҳифзи манфиатҳои қонунии занон дар Тоҷикистон беш аз 20 санади муҳими давлатӣ қабул карда шуд. Гузашта аз ин, дар соли 2014 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Комиссияи СММ оид ба вазъи занон гардид, ки барои фаъолияти онҳо дар соҳаи сиёсат ва сохтмони давлатӣ заминаи боз ҳам мусоид фароҳам овард.

Пешравии назаррас дар масъалаи таъмини асосҳои ҳуқуқии иштироки занони Тоҷикистон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол ќабули Ќонун «Дар бораи кафолатњои давлатии баробарии мардону занон ва имкониятњои баробари амалисозии онњо» (соли 2005) мебошад. Қонуни мазкур муносибатҳоро ҷиҳати таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занон дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳо танзим намуда, ба пешгирии табъиз аз рӯи ҷинс нигаронида шудааст ва кафолатҳои давлатии имкониятҳои баробарро барои шахсони ҷинсҳои гуногун муқаррар менамояд.

Бо мақсади татбиқи ҳуқуқҳои занон як қатор қонунҳо ва қарорҳои ҳукумат, аз ҷумла Барномаи давлатии «Таълим, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби духтарон ва занони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022» аз 1 апрели соли 2017, Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 2020 2010, Нақшаи чорабиниҳои «Стратегияи миллии

фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» аз 29 августи соли 2015 ва ғайра. [1-М]

5. Барои тақвият бахшидани фаъолияти занони Тоҷикистон дар бунёди давлати миллӣ ба вуҷуд овардани манбаъҳои иҷтимоию сиёсӣ хеле муҳим ва зарур мебошад. Дар робита ба ин, роҳбарияти Тоҷикистон ба модернизатсияи асосҳои иҷтимоию сиёсии иштироки занон дар идоракунии мақомоти давлатӣ диққати бештар медиҳад, то ин ки мақоми воқеии иҷтимоии онҳо дар мамлакат доимо дар сатҳи арзанда қарор дошта бошад.

Компоненти иҷтимоӣ-фарҳангии тақвият бахшидани иштироки занон дар амалисозии ҳокимият чунин мазмун дорад, ки ҳангоми идоракунии давлатӣ, бешубҳа, принсипи баробарии ҷинсӣ метавонад самарабахш бошад, яъне, ҳангоми қабули ҳамаи қарорҳои сиёсӣ, мансабҳои ташкилӣ анъанавӣ аз ҷониби мардон ишғол карда мешаванд.

Фароҳам овардани заминаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии иштироки занон дар идоракунии давлат бо риояи ҳуқуқҳои онҳо дар ин соҳаҳои ҳаёти ҷомеа зич алоқаманд аст. Барои фаъол кардани иштироки сиёсии занон дастгирии сохторҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, набудани табъиз нисбат ба занон дар сатҳи қонунҳо, инчунин бартараф кардани стереотипҳои манфӣ нисбат ба занон дар низоми маориф ва воситаҳои ахбори омма зарур аст.

Барои ба вуҷуд овардани заминаҳои иҷтимоию сиёсии иштироки фаъоли занон дар идоракунии давлати миллӣ анъанаҳои патриархалӣ дар фарҳанги сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ, ки бо дурии тӯлонӣ ва амиқ аз қудрат тавассути иҷтимоишавии нақши ҷинсӣ ва ба таври хос сиёсӣ тавсиф мешаванд, инчунин таассубҳо ва стереотипҳои дар ҷомеа ташаккулёфта таъсир мерасонанд. [3-М]

6. Дурнамои иштироки занон дар раванди минбаъдаи таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон масъалаи мураккаб ва серпаҳлу ба шумор рафта, омӯзиши ҷиддиро талаб менамояд. Муайян намудани иштироки занон дар идоракунӣ ва раванди таҳкими истоқлоли давлатии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрам ва доғи рӯз буда, моҳият ва самаранокии дастгирии иҷтимоию ҳуқуқии онҳо дар дурнамо аҳамияти хоса дорад. Зеро монеаи ноаён, вале воқеӣ, ки зани сарвар ҳангоми кӯшиши расидан ба қуллаҳои муваффақият ба он дучор мешавад, ҳануз ҳам вуҷуд дорад. Аммо, барои мардон чунин монеа дар ҷомеаи миллии тоҷикистонӣ вуҷуд надорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки занон

нисбат ба мардон барои пешрафт дар ишғоли мансабҳои давлатӣ дар тули таърих монеаҳои бештар доштанд.

Дар шароити афзоиши пешгӯинашавандагии равандҳои ҷаҳонӣ ҳам дар рушди ҷамъиятӣ ва ҳам дар сиёсат, эҷоди имиҷе, ки занонро ба муносибати муайян нисбат ба роҳбарӣ ё ҷараёни сиёсии додашуда водор месозад, аҳамияти бештар пайдо мекунад. Шарикии занону мардон дар раванди минбаъд таҳким бахшидани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон манбаи демократияи пурратар ва намояндагӣ буда, инчунин эҷоди имкониятҳои воқеӣ барои дарназардошти манфиатҳои бисёрҷанба дар ҷомеа мебошад. Дар дурнамои наздик дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии гендерӣ ҳангоми таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои занон бояд дар ихтиёри худ воситаҳои самараноки имтиёзнок ва ҳавасмандкунанда дошта бошад. [7-М]

II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Дар раванди таҳлили масъалаи иштироки занон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанбаҳои илмии онро асоснок намуда, тавсияҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Натиҷаҳои ба даст омадаи таҳқиқотро барои ғанӣ гардонидани асосҳои назариявии масъалаи иштироки занон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол истифода бурдан мумкин аст. Онҳо метавонанд дар чунин самтҳои илмҳои ҷомеашиносӣ, ба монанди сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, ҳуқуқ ва ғайра истифода шаванд.

2. Мувофиқи мақсад аст, ки ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ вобаста талаботи муосир барои тақвият бахшидани иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ дар кишвар бештар мусоидат намоянд. Дар баробари ин, фароҳам овардани иштироки васеи занон дар рушди минбаъдаи Тоҷикистони соҳибистиқлол бо қабули барномаи махсуси давлатӣ таъмин карда шавад.

3. Тавассути Васоити ахбори оммавӣ арзёбии шоиста ва тарғиб намудани масъалаи баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа, ки дар шароити муосир дар раванди мустаҳакам намудани пояҳои сиёсии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мусоидат менамояд, ба роҳ монда шавад.

4. Аз нуқтаи назари мақсаду ҳадафҳое, ки ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба дурнамои рушд муайян намудааст, сатҳи баланди маърифатнокии сиёсӣ ва иштироки фаъолонаи занон дар

ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат бисёр муҳим мебошад. Расидан ба ин мақсад фаъолияти якҷояву ҳамоҳангшуда ва мақсадноки тамоми ниҳодҳои давлативу ҷамъиятиро, ки масъули бевоситаи тарбия намудани шаҳрвандон маҳсуб меёбанд, тақозо менамояд.

5. Дар раванди ташкили корҳои омӯзиш ва тарбияи ҷавонони кишвар зарур аст, ки саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ва ҷалби онҳо ба идоракунии давлатӣ таҳлил ва баррасӣ карда шавад. Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки дар дурнамо занони тоҷик боз ҳам бештар ва муффақона дар бунёди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ширкат варзида, дар рушду нумӯи он ҳиссагузор бошанд.

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М] Шукурзода, С.Н. Государственная политика Республики Таджикистан в отношении женщин в период независимости [Матн] / *С.Н. Шукурзода* // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2024. - №4/3 (71). - С. 364-370.

[2-М] Шукурзода, С.Н. Асосҳои ҳуқуқии иштироки занон дар бунёди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон [Матн] / *С.Н. Шукурзода* // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. - 2025. - №4-16. - С.204-206.

[3-М] Шукурзода, С.Н. Манбаъҳои иҷтимоию сиёсии иштироки занони Тоҷикистон дар бунёди давлати миллӣ [Матн] / *С.Н. Шукурзода* // Паёми донишгоҳи омузгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ. - 2026. - №2 (18). - С. 61-64.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот маҷмуаи маводи конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ

[4-М] Шукурзода, С.Н. Участие женщин Таджикистана в развитии сферы здравоохранения и социальной защиты населения [Матн] / *С.Н. Шукурзода* // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ: «Технологияҳои интеллектуалӣ дар

таҳсилоти тиббӣ ва илм: равишҳои инноватсионӣ». Ҷ. 2. - Душанбе, 25 апрели соли 2025. - С. 438-439.

[5-М] Шукурзода, С.Н. Социальное государство и охрана здоровья населения [Матн] / *С.Н. Шукурзода, Э.Э. Мирзозода* // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ: «Технологияҳои интеллектуалӣ дар таҳсилоти тиббӣ ва илм: равишҳои инноватсионӣ». Ҷ. 2. - Душанбе, 25 апрели соли 2025. - С. 231-242.

[6-М] Шукурзода, С.Н. Саҳми занони Тоҷикистон дар бунёду рушди давлати соҳибистиқлоли миллӣ [Матн] / *С.Н. Шукурзода* // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ: «Илм ва таҳсилот барои солимии миллат». Ҷ. 2. - Душанбе, 31 октябри соли 2025. - С. 317-318.

[7-М] Шукурзода, С.Н. Мақом ва ҷойгоҳи занон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / *С.Н. Шукурзода, М.И. Тоҷидинова* // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ: «Истиқлоли давлатӣ - заминаи боэътимоди рушди иқтисодиёт, илму фарҳанг, Ваҳдати миллӣ ва суботи устувори ҷомеаи мосири Тоҷикистон». - Хуҷанд, 26 январи соли 2026. - С. 176-181.

[8-М] Шукурзода, С.Н. Дурнамои иштироки занон дар таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон [Матн] / *С.Н. Шукурзода* // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ: «Пешрафт ва ҳамгироӣ: дастовардҳои илмӣ дар дармонгоҳ». Ҷ. 2. - Душанбе, 24 апрели соли 2026. - С. 338-339.

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ФИЛОСОФИИ И ПОЛИТОЛОГИИ ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА

УДК:396(575.3)
ББК +32(575.3)(09)

На правах рукописи

Шукурзода Саодат Нусратулло

УЧАСТИЕ ЖЕНЩИН В ПРОЦЕССЕ СТАНОВЛЕНИЯ НЕЗАВИСИМОГО ГОСУДАРСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН
(политический анализ)

АВТОРЕФЕРАТ ДИССЕРТАЦИИ
на соискание ученной степени кандидата политическтих наук по специальности
5.6.2 - Институты, процессы и политические технологии

Душанбе – 2026

Работа выполнена в Отделе политологии Института философии и политологии им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана

Научный руководитель: Саидов Абдулманон Саторович - доктор философских наук, профессор кафедры общественных наук, ГОУ Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино

Официальные оппоненты: **Мухаммад Саъди Абдурахмон –** доктор политических наук, заведующий кафедрой общественных наук Академии МВД РТ

Ҷаббори Насиба Ҷаббор – кандидат политических наук, проректор по воспитательной работе Дангаринского государственного университета Республики Таджикистан.

Ведущая организация: Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава.

Защита диссертации состоится «12» сентября 2026 г., в «13^{00}» часов на заседании Диссертационного совета 6D-КОА. 079 при Институте философии и политологии имени А. Баховаддинова Национальной Академии наук Таджикистана (734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33).

С диссертацией можно ознакомиться в Центральной научной библиотеке им. Индиры Ганди Национальной академии наук Таджикистана (734025, РТ, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33) и на официальном сайте Института философии и политологии им. А.Баховаддинова (www.ifppanrt.tj).

Автореферат разослан «____» _____2026 года.

Ученый секретарь
диссертационного совета,
кандидат политических наук
E-mail: sanginov1953@mail.ru **Сангинов Н.Н.**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. Феномен участия женщин в политической жизни и системе государственного управления в контексте эволюции общественного развития, трансформации социальных норм и изменения представлений о гендерных ролях занимает важное место среди актуальных проблем современной политологии. Такая постановка вопроса обусловлена тем, что на протяжении большей части истории человеческой цивилизации политическая власть преимущественно находилась в руках мужчин, тогда как женшщины лишь в единичных случаях получали возможность занимать государственные должности и участвовать в управлении государством. Иными словами, с древнейших времён участие женщин в политике во многом ограничивалось вследствие устойчивого господства патриархальной модели общества, при которой власть и принятие ключевых решений традиционно связывались с мужчинами. Иначе говоря, на протяжении продолжительного исторического периода присутсвие «женщин у власти» воспринималось скорее как исключительное явление, обусловленное особыми политическими либо династическими обстоятельствами.

Социальные, правовые и культурные отношения способствовали укреплению представления о том, что основное предназначение женщин заключается в выполнении роли «хранительниц домашного очага», матерей и жён, тогда как участие в общественной и политической жизни считалось преимущественно мужской прерогативой. Подробное неравенство находило отражение не только в религиозных и философских воззрениях, но и получало закрепление в правовых институтах, ограничивавших доступ женщин к государственному управлению. Даже представительницы правящих династий, как правило, участвовали в политической жизни лишь посредством неформального влияния либо осуществления опеки над несовершеннолетними наследниками [58].

Только прошлое столетие стал важным поворотным моментом в истории участия женщин в политике и государственном управлении. Формирование индустриального общества, развитие всеобщего образования, рост урбанизации и итоги двух мировых войн привели к переоценке традиционных гендерных ролей. Особое значение приобрёл второй половины XX

столетия ознаменованный интенсивным развитием феминистского движения второй волны. Именно в этот период вопросы обеспечения равноправия женщин и мужчин заняли центральное место в общественно-политической повестке, а женщины стали рассматриваться как полноценные учасники политической, экономической и культурной жизни. Под влиянием данных процессов многие государства приступили к расширению представительства женщин в парламентских институтах, открыли им доступ к высшим административным должностям, а в ряде стран женщины получили возможность возглавить правительство и занять пост главы государства.

Безусловна, XX век стал важнейшим этапом переосмысления роли женщин в общественной и политической жизни. Несмотря на то что достижение полноценного равного представительства в системе государственной власти ещё оставалось нерешённой задачей, именно в этот период были сформированы необходимые правовые, институциональные и социокультурные предпосылки, обеспечившие дальнейшее поступательное расширение участия женщин в органах государственной власти [58].

В начале третьего тысячелетия отмечается устойчивая тенденция к расширению участия женщин на высших уровнях системы государственной власти. Увеличилось число женщин, занимающих ключквые должности в системе исполнительной власти, включая посты премерь-министра и главы государства. Наиболее отчётливо данная тенденция проявляется в странах Европы, Латинской Америки и Азии, где женское политическое лидерство постепенно становится устойчивой политической реальностью.

В политической жизни независимого Таджикистана наблюдается заметный рост присутствия женщин на государственных должностях, особенно в законодательных органах. Хотя в настоящее время руководящие позиции в государственном управлении по-прежнему занимают в основном мужчины, таджикские женщины становятся более активными в политических процессах и занимают важные посты во властных структурах.

Несмотря на усилия по достижению гендерного равенства и наличие определённого числа успешных женщин-политиков, в государственном управлении большинство высших должностей

по-прежнему занимают мужчины. В современных условиях Таджикистана достижение более справедливой и инклюзивной системы государственного управления требует дальнейших усилий, направленных на преодоление существующих предрассудков и создание условий для полноценного участия женщин на всех уровнях государственной власти. Это подтверждает необходимость продолжения институциональных и культурных преобразований, обеспечивающих реальные равные возможности для женщин и мужчин в сфере государственного управления и политической деятельности.

Актуальность изучения вопроса участия женщин в процессе строительства независимого национального государства Таджикистана в рамках методологических возможностей политологии также обусловлена следующими обстоятельствами:

- Таджикистан, как и другие страны СНГ и Центральной Азии, пока не достиг гендерного баланса в высших органах государственной власти. Кроме того, гендерный подход ещё не получил достаточной и эфективной интеграции в процессы формирования внутренный и внешней политики.

- Полноценное участие женщин в общественной жизни предполагает не только увеличение числа женщин, занимающих ответсвенные должности.

-Решение данного вопроса требует от мужчин и женщин, занимающих высшие руководящие должности (депутатов парламерта и государственных служащих), более активной реализации политики, направленной на обеспечение гендерного равенства в данном направлении. На этой основе, в своей диссертационной работе мы предприняли попытку всестороннего анализа проблемы политического участия женщин в процессе построения независимого национального государства Таджикистана.

Все это, а также ряд других обстоятельств, подтвердили актуальность научного изучения выбранной нами темы и послужили причиной обсуждения ее различных аспектов.

Степень изученности научной темы. В различных областях общественных наук, особенно в политологии, как в Таджикистане, так и за рубежом, существует множество исследований, посвященных изучению вопроса участия женщин в государственном управлении. В них исследователи анализируют различные аспекты данной проблемы и предлагают научные пути

ее решения. Иными словами, если говорить кратко, учеными-обществоведами проведено множество научных работ, посвященных феномену участия женщин в политике и государственном управлении.

Конечно, в рамках нашего не очень большого научного исследования нет реальной возможности перечислить и рассмотреть все из них, но мы считаем необходимым проанализировать ценные работы ряда ученых в этом направлении. В этой связи научную литературу, относящуюся к теме нашей диссертационной работы, можно сгруппировать следующим образом:

К первой группе можно отнести публикации таких известных учёных мирового уровня, как А. Бебеля [6], В. Брайсона [7], Э. Гидденса [27], И. Канта [12; 13], К. Маркса [14; 15], Ж.-Ж. Руссо [19], Э. Тоффлера [20], Ф. Энгельса [22] и других. В трудах этих исследователей рассматриваются общие аспекты проблемы участия женщин в социальной и политической сферах жизни общества в различные периоды развития человеческой цивилизации, обосновывается важность их привлечения к государственному управлению.

Например, один из выдающихся политических деятелей Германии А. Бебель в своей книге «Женщина и социализм» размышляя о смысле и целях брака и обращаясь к истории «женского вопроса», подчеркивает, что свобода человечества невозможна без социальной независимости и равноправия полов. В этом труде он, преодолевая предрассудки, существовавшие в отношении общественно-политической деятельности женщин, и игнорируя важность этой мыслительной проблемы, разработал теорию и стратегию движения женщин-работниц.

С точки зрения британского исследователя В. Брайсона, современные методы управления государственными структурами несправедливы и приводят к политическому неравенству женщин. Это «поведение времени» неразрывно связано с общим стремлением женщин к изменению и реформированию текущей семейной, экономической и политической ситуации. На первый взгляд, если женщины откажутся от традиционных, но трудоёмких домашних обязанностей и ухода за детьми, общество, как предполагается, столкнётся с полным упадком.

Другой британский исследователь Э. Гидденс отмечает, что положение женщин в политике меняется гораздо медленнее по

сравнению с другими сферами деятельности в современном мировом обществе, включая бизнес. В то же время он уверен, что повсеместное распространение патриархата обусловлено не столько физическим превосходством мужчин, сколько материнскими качествами женщин, поскольку рождение и забота о детях делают их, в том числе и материально, зависимыми от противоположного пола.

Взгляды И. Канта на женщин и их роль в общественной и политической сферах неоднозначны. Хотя он стремится четко выразить свое мнение о женщинах, становится ясно, что оно не направлено против них и включает важные аргументы о человеческой природе. Мыслитель полагал, что традиционное разделение ролей мужчин и женщин вряд ли исчезнет, но он никогда не представлял традиционные гендерные идеалы как моральные. Поэтому в своих этических трудах он подчеркивает, что все граждане, включая женщин, имеют право и должны участвовать в общественной и политической деятельности.

Что касается К. Маркса, то в его трудах содержится много упоминаний о роли и положении женщины в обществе. Например, в своей статье «К еврейскому вопросу» он высказывает мысль о том, что «полное освобождение человека» включает в себя и освобождение женщины от социального и политического давления.

Его единомышленник и соратник Ф. Энгельс в своей работе «Происхождение семьи, частной собственности и государства» подчёркивал, что положение женщин в капиталистическом обществе - это классовое явление. Они принадлежат к классу пролетариата. Следовательно, задача их эмансипации совпадает с общей задачей эмансипации пролетариата. Устранение всех форм эксплуатации и угнетения - цель всех пролетариев, как мужчин, так и женщин. Только в обществе, свободном от эксплуатации и угнетения, возможны равноправные отношения между полами. Таким образом, связывая «женский вопрос» с социально-политическим вопросом, К. Маркс и Ф. Энгельс отвели достойное место женщинам в общеисторическом процессе.

Французский мыслитель Ж.-Ж. Руссо был сторонником традиционных ролей для женщин. Он выразил эту точку зрения на женщин в своих работах «Об общественном договоре, или Принципах политического права» и «Эмиль, или об образовании». Хотя он был известен своим либеральным образованием, он

придерживался консервативной позиции в отношении социального и политического статуса женщин в обществе.

Американский философ Э. Тоффлер в своей работе «Метаморфозы власти» считает, что идеальный баланс власти по гендерному признаку невозможен. То есть, практически невозможно обеспечить ситуацию, в которой все социальные системы и подсистемы находятся в равновесии, а власть распределяется пропорционально между всеми социальными группами и слоями. Кроме того, система, которая легитимизирует несправедливое распределение ресурсов, особенно по расовому, половому и другим признакам, является морально неправильной.

Вторая группа литературы, посвященная вопросу участия женщин в политике, включает работы А.Ю. Ананьева [23], Т. Булавиной [24], Т. Горшковой [28], И. Грошева [29], Б.Б. Жумагазиной [32], Н. Кельчиной [33], Т.А., Е.А. Новиковой [39; 40], Н.К. Семёновой [42] и др.

В частности, в исследованиях российских учёных А. Ю. Ананьева и И. Чикаловой - «О проблеме политического лидерства женщин», «Изменения политического положения женщин на Западе» изучены динамика, основы и результаты политического представительства женщин в связи с социально-политическим развитием европейского общества и соответствующими политическими системами стран этого региона на современном этапе. В них достигнуты положительные результаты.

